# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”



## САРМУҲАРРИР
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

## ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



## МУАССИС
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

## СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:

Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»

**С/Ҳ: 20202972700919101000**

**Ҳ/М: 20402972316264**

**РМБ: 350101626**

**РМА: 010009319**

Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

**Котиби масъул**

**Сайрам АЛОВАТШОЕВА**

**Индекси обуна: 77570.**

Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6832 нусха. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИҶА

**ТАҶЛИЛ**
Э. РАҲМОН. Хизмат ба Ватан – Модар қарзи ҳар як ҷавон аст..........................3
**ЭЪТИРОФ**
А. ОДИНАЕВ. Саҳми Пешвои миллат дар таъмини Сулҳу Ваҳдат ва эҳёи арзишҳои миллӣ..........................................................................................8
**ТАҲЛИЛ**
Л. АБДУЛХОЛИҚЗОД. Маориф: пешрафт ва мушкилот.................................15
**ХЕШТАНШИНОСӢ**
Н.САНГИНЗОДА. Ваҳдат – бақою пойдории давлат.......................................20
**ВАТАНДОРӢ**
Ш. КОМИЛӢ. Сипари боэътимоди миллат........................................................24
**МАҚОМИ ОМӮЗГОР**
Б. ДАВЛАТҚАДАМОВ. Ҳар киро устод набвад кор бар бунёд нест...............26
**ТАЪЛИМ**
Ҳ. ҲАМРОҚУЛОВ, К. ҲАМРОҚУЛОВ. Об неъмати бебаҳост........................28
**НИЗОМИ НАВ**
С. АВЛАЗИМОВА. Муносибати босалоҳият ба таълим – омили ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон...........................................................33
**МЕТОДИКА**
С. ШЕРДИЛОВА. Технологияи муосир ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар машғулиятҳо..........................................................................36
**МАЪНАВИЁТ**
Н. РОФИЕВА. Тарбияи маърифатӣ – омили муҳимми ташаккули шахсият...43
**МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД**
М. НЕЪМАТУЛЛОЕВ. Кор бо хонандагони болаёқат такмил мехоҳад..........46
**МАОРИФ ВА ЗАМОН**
М. ЗУҲУРЗОД. Махсусиятҳои дарси муосир...................................................49
**ПЕШРАФТ**
Н. ЁДАЛИЕВА. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ – тақозои замон................50
**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**
М. СУЛТОНОВ. Бо ёрии формулаҳои зарби мухтасар ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ ва решаи кубӣ..........................................................53
**КИТОБИЁТ**
Н. ОХУНЗОДА. Пажуҳиши густурда доир ба матбуоти соҳавӣ.......................57
**ШИНОХТ**
А. ШАРИФЗОДА. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ ....................................60
**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**
А. ШАРИФЗОДА. Биёед, андеша мекунем......................................................63
**ЧАЙНВОРД**
А. ШАРИФЗОДА, М. ШАРИФЗОДА. 30-солагии Артиши миллӣ..................64

**ТАҲЛИЛ**

# ХИЗМАТ БА ВАТАН – МОДАР ҚАРЗИ ҲАР ЯК ҶАВОН АСТ

## Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*23.02.2023, шаҳри Душанбе*



**Муҳтарам генералҳо, афсарон ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз аз таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, сӣ сол сипарӣ мегардад. Ба ин муносибат тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро, ки тайи се даҳсола ҳимояи истиқлолу озодии кишвар, ҳифзи марзу буми Ватан, суботу оромӣ ва амнияти давлату ҷомеаро ҳамчун сипари боэътимод таъмин карда, дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми басо арзишманд гузошта истодаанд, самимона табрик менамоям.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф – ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мо метавонем бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии худ ҷавонмардонаву сарбаландона баромаданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Бинобар ин, ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат барои хизмати содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи ташкили Артиши миллиро аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлол дар маркази диққати худ қарор дода буд. Зарурати

ташкили Артиши миллӣ ҳанӯз 9-уми сентябри соли 1991 дар Қарори Шурои Олии кишвар «Дар бораи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардида буд. Вале вазъи ниҳоят ҳассосу душвор, мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имкон надоданд, ки Тоҷикистон Артиши миллии худро таъсис диҳад.

Масъалаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ ба миён гузошта шуд ва 18-уми декабри соли 1992 фармони Раёсати Шурои Олӣ дар бораи таъсис додани Артиши миллӣ ба имзо расид. Вақти қабули қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассису кадрҳои касбӣ.

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини иқтисодиву молиявӣ аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ доир ба ташкили инфрасохтор ва таъсиси қисму воҳидҳои низомӣ тамоми тадбирҳои зарурире амалӣ гардонид.

Дар навбати аввал, 23-юми июни соли 1993 Қӯшунҳои хушкигард, ки асоси Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд ва нерӯи сершумортарину пешбарандаи амалиёти ҷангӣ ба ҳисоб мераванд, таъсис дода шуданд ва аз рӯзҳои аввал барои мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъи ҳарбиву сиёсии мамлакат сафарбар гардиданд.

Дар ин раванд, яъне, замоне ки дар кишвар ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, мо ташкили қисму воҳидҳои ҳарбӣ, муҳайё намудани заминаҳои моддиву техникӣ, омода кардани афсарону сарбозони далеру шуҷоъ, дорои маҳорати баланди касбӣ ва донишу малакаи зарурире вусъат бахшидем.

Дар он давра, саъю талоши Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, ба фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва омода намудани мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос равона карда шуд.

Бо ин мақсад як қатор қонунҳои нав, аз ҷумла, «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул гардиданд ва ҳадафу вазифаҳои сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти ташкили мудофиа ва ҳимояи кишвар муайян карда шуданд.

Дар марҳалаҳои минбаъда мо дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ҷузъу томҳои таъиноти махсус, муассисаҳои таҳсилоти низомӣ ва қисмҳои ҳарбӣ оид ба таъминоти ҷузъу томҳоро таъсис додем.

Яъне Қувваҳои Мусаллаҳи мо аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар мубориазҳои шадид ва набардҳои сангини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ иштирок карда, ташаккул ва обутоб ёфтанд.

Афсарону сарбозони далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ қарзи ватандорӣ ва рисолати ватандӯстонаи худро иҷро карда, дар ҷодаи барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саҳми басо арзишманд ва таърихӣ гузоштанд.

Дар робита ба ин, мехоҳам махсус зикр намоям, ки ба шарофати далериву шуҷоат ва фидокориву ҷоннисориҳои хизматчиёни ҳарбӣ – фарзандони бонангу номуси Ватан дар кишвар ҳокимияти қонунӣ барқарор гардида, заминаҳои устувори сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ фароҳам оварда шуданд.

Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар давраҳои минбаъда низ борҳо аз имтиҳони садоқат, маҳорат ва ҷасорату мардонагӣ сарбаландона гузаштанд. Дар даврони муқовиматҳои мусаллаҳона ва мубориза бар зидди хоинону душманони миллати тоҷик ҳазорон нафар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Маҳз ба ҳамин хотир, ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла, ба ҷавонони кишвар, инчунин, ба хизматчиёни ҳарбӣ доим таъкид менамоям, ки зираку хушёр бошед ва ҳаргиз фаромӯш насозед, ки фазои орому осудаи имрӯзаи мамлакат бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси халқи тоҷик ба даст омадааст.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тарбияву ҷобаҷогузории кадрҳои соҳибихтисоси дорои маҳорати баланди касбӣ шарти асосии тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар мебошад. Дар робита ба ин масъала, мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар хотирнишон созам, ки ҳангоми таъсис додани Артиши миллӣ мо шумораи зарурии афсарону мутахассисони касбӣ надоштем. Бинобар ин, яке аз аввалин воҳидҳои ҳарбие, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ таъсис додем, муассисаи таълимии Коллеҷи ҳарбӣ буд, ки имрӯз ҳамчун Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа фаъолият карда истодааст.

Дар зарфи сӣ сол муассисаҳои олии ҳарбии мамлакат ва давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро 5300 нафар, аз ҷумла, академияҳои ҳарбии хориҷи кишварро 650 нафар ҷавони мо хатм карда, ҳоло аз байни онҳо садҳо нафар хизматчиёни ҳарбии дорои рутбаи олии ҳарбӣ дар вазифаҳои роҳбариву фармондеҳии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият доранд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар боз 1500 нафар ҷавонони мо таҳсил карда истодаанд.

Дар маҷмуъ, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат беш аз 28 ҳазор мутахассис тайёр карда шуд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз зиёда аз 80 фоизи афсарони Қувваҳои Мусаллаҳи мо афсарони касбӣ, яъне, хатмкардагони донишкадаҳо ва академияҳои ҳарбӣ мебошанд.

Тайи солҳои истиқлоли давлатӣ ҳазорҳо нафар афсарону прапоршикҳо ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои шуҷоату ҷасорат ва хизмати содиқона бо мукофотҳои давлатӣ ва садҳо нафар бо рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони нав, хусусан, дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа танҳо бо доштани Қувваҳои Мусаллаҳи муташаккилу тавоно ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи пешрафтаи ҳарбӣ ва муҳимтар аз ҳама, хизматчиёни ҳарбии ватандӯсту ватанпараст, далеру ҷасур ва содиқ ба давлат ва халқи Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Вазъи бисёр мураккабу ноороми ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи

мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ тақозо менамоянд, ки барои пурзӯр намудани иқтидори мудофиавии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Вазъи зикршуда, инчунин, аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ маҳорату малакаи муосири касбӣ, ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарон ва ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳро зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ, ҳисси миллӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҳайати шахсӣ эътибори боз ҳам бештар диҳанд. Зеро дар замони пурҳаводиси имрӯза танҳо кадрҳое метавонанд амнияти давлат ва суботи ҷомеаро таъмин намоянд, ки дорои донишҳои муосири ҳарбӣ ва сатҳи баланди касбият буда, технологияҳои навтаринро аз худ кардаанд ва Ватани худро сидқан дӯст медоранд.

Аз ин рӯ, бори дигар таъкид менамоям, ки дар сатҳи талаботи замона ба роҳ мондани омодагии касбӣ ва тарбияи ҳайати шахсӣ вазифаи асосии ҳайати фармондеҳӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҳар як роҳбару афсар масъулияти баланд ва донишу малакаи заруриро тақозо менамояд.

Такроран хотирнишон менамоям, ки роҳбарону афсарон бояд ба сарбозон мисли фарзанди худ муносибат намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

Шахсан ман ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳар як сарбозро мисли фарзандони худ дӯст медорам ва ҳамеша кӯшиш мекунам, ки ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ва дар навбати аввал, барои сарбозон шароити беҳтарини хизмат ва зиндагӣ муҳайё карда шавад. Вобаста ба ин, мехоҳам масъалаи тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ва даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳро махсус хотиррасон намоям.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, солҳои охир дар баъзе вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт, шаҳрҳои Душанбе ва Исфара маъракаи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин (ҳатто дар муддати ду – се рӯз) ҷамъбаст карда мешавад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки хизмат ба Ватан, яъне, хизмати ҳарбӣ мактаби ҷавонмардӣ ва давраи ҳаматарафа обутоб ёфтани ҷавонон мебошад.

Хизмат ба Ватан – Модар қарзи фарзандии ҳар як ҷавон ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, ҳар як ҷавонмард бояд қарзи худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон иҷро намояд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки асоси омодабошии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро риояи ҳатмӣ ва бечунучарои қонун ва ойинномаҳои ҳарбӣ, тартибу интизом ва тарбияи дурусти ҳарбиву ватандӯстӣ дар байни ҳайати шахсӣ ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳаввулоту ҳодисаҳои солҳои охири ҷаҳон моро ҳушдор медиҳанд, ки ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ва таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешем.

Ин амри зарuriро ҳимояи истиқлолу озодӣ ва дахлнопазирии ҳудуди кишвар, таъмини амнияти давлат ва халқи тоҷик талаб менамояд.

Бо дарназардошти ин зарурат, дар Паёми навбатии Роҳбари давлат махсус таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии сиёсати мудофиавии мамлакатро муайян карда, дар баробари дигар чорабиниҳо, инчунин, тақвияти иқтидору имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳоро ҷиҳати мутобиқ намудан ба хусусияти таҳдиду хатарҳо ва вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир дар бар мегирад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунон ки зикр гардид, Артиши миллии сӣ сол қабл амалан дар ҷойи холӣ таъсисдодаи мо имрӯз ба як сохтори муназзам ва неруманду боэътимод табдил ёфтааст.

Тайи се даҳсолаи гузашта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 10 қисми ҳарбӣ бо тамоми инфрасохтори зарурӣ, 24 комиссариати ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ва зиёда аз 100 иншооти хизматрасонии нав сохта, ба истифода супорида шуд.

Дар ин давра, умуман, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат ва зиндагӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат беш аз 2600 иншооту биноҳои нав бунёд карда, ба истифода супорида шуданд.

Ҳукумати мамлакат дастгирии молиявию иҷтимоии хизматчиёни ҳарбиро дар оянда низ идома дода, ҷиҳати беҳтар гардонидани шароити хизмат ва зиндагии ҳайати шахсӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ, пурзӯр намудани иқтидори мудофиавӣ, азнавсозии иқтидори техникӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат минбаъд низ рисолати муқаддас ва қарзи ҷавонмардии худ – ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро бо интизоми намунавӣ, донишу малакаи муосир, руҳияи баланди ватандӯстӣ, иродаи мустаҳкам, садоқат ба Ватан, давлат, халқи мамлакат ва касби бошарафи хеш сарбаландона иҷро менамояд.

Ман ба далериву шуҷоат, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозони бонангу номуси Ватан бовар дорам ва бо онҳо ифтихор мекунам.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ба савганди ҳарбии хеш минбаъд низ содиқ мемонанд, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавонмардона иҷро мекунанд ва ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, амният ва суботу оромии ҷомеаро бо ҳушёриву зиракӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмин мекунанд.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсии Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори сиюмин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани маҳбубамон руҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

**ЭЪТИРОФ**

***Абдусаттор ОДИНАЕВ,***
***мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ***
***ва информатикаи Донишкадаи ҷумҳуриявии***
***такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони***
***соҳаи маориф, номзади илми фалсафа, дотсент***



# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ВА ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кайҳост, ки кору пайкори созандаашон ба дили мардум роҳ ёфта, дар таърихи навини давлатдории тоҷик ба ҳайси бунёдгузори давлати соҳибихтиёр, таҳиягари пояҳои ҳуқуқии миллат, эҳёкунандаи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динӣ, зиндакунандаи номи қаҳрамонони таърихӣ, ҳомӣ ва муҳофизи манфиатҳои миллат ва ҳуқуку озодиҳои инсон шинохта гаштааст.

Ҳар нафаре, ки сарнавишти печидаи халқи тоҷикро донад, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва созандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Тоҷикистон бо чашми сар мебинад, хуб дарк менамояд, ки ҳанӯз мо на ҳамаи хидматҳо арзандаву мондагори ин шахсияти таърихиро маърифат кардаем.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи савганди таърихиашон, моҳи декабри соли 1992, дар Мурочиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буданд: **Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор мурочиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила баркарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».[1]**

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то расидан ба сулҳу субoти комил ва суханронии таърихӣ бахшида ба имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва

[1] Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди VI. – Душанбе, 2007. – С. 76.

ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» (27 июни соли 1997) 21 маротиба гуфтушунид ташкил карда, 7 маротиба дар муколамаҳо худ ширкат варзида, ҳамчун Роҳбари давлат 80 маротиба ба халқи Тоҷикистон муроҷиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ, мусоҳибаҳо ташкил карда, ҳамеша аз дӯстӣ ва ваҳдат суҳбат намуда, мунокишаю ҷангро маҳкум сохта, кӯшиши муттаҳид кардани миллатро пайваста думболагирӣ намудаанд.

Дар замоне ки як қисми шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар буданд ва дили модарони тоҷик барои фарзандон гум мезад, Роҳбари давлат то расидан ба ваҳдати миллӣ оромиро эҳсос намекарданд, барои зиндагии нотинҷи кишвар, сӯхтану бетартибиҳои ярокбадастон азият мекашиданду қалбашон ба аҳволи мардуми фирорӣ месӯхт. Дар чунин як ҳолати тоқатфарсо пайваста ба мардуми фирорӣ мегуфтанд: **«Ҳамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пора ноне, ки дорем бо ҳам мехӯрем».**[2]

Ҳамин самимият ва муҳаббат буд, ки як миллион гуреза ва муҳоҷири иҷборӣ ба ҷойи зисти аввалаашон баргардонда шуд, 36 ҳазор хонаи пурра ва ё қисман харобгашта дар як муддати кӯтоҳ барқарор гардид.

Маълум аст, ки ҳар ҷангу фитна ташкилкунандагон, иҷрокунандагон ва манфиатдорони худро дорад, ки аз ин вазъият истифода мекунанд. Оташбас ва мудоро бо ин гурӯҳҳои дохилию хориҷӣ хушоянд набуд. Аз ин лиҳоз, барои Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле вазнин буд, ки ҳамроҳ бо ғаму андуҳи халқ ба самти оромию субот ҳаракат намоянд.

Бояд эътироф намуд, ки иқдоми Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати методологӣ дорои аҳамияти ниҳоятан бузург мебошад, зеро миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накарданд ва савганд хӯрданд, ки то охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан бармегардонанд, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи сулҳу ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро бунёд менамоем.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоат ва ҷасорати Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки ҷони хешро ба гарав монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намоянд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуданд.

Таҷрибаҳои таърихӣ собит менамоянд, ки барои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Тоҷикистон ба мансаби Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд, заминаи асосӣ ба таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ гузошта шуд. Раиси Шурои Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти бузургро ба зиммаи худ гирифта, манфиатҳои умумихалқиро аз манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ авлотар донистанд.

Ба ақидаи инҷониб, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра се амали таърихиро ба иҷро расонданд:

Якум, ин таъсиси ҳокимияти давлатӣ мебошад. Зеро маҳз ташкил намудани низоми дурусти идораи давлат, таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии низоми идора, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳияи низоми судӣ метавонист халқро аз вартаи нобудшавӣ наҷот диҳад. Ин амалро дар ҷойи холӣ ва низоми фалаҷи мақомоти давлатӣ роҳандозӣ намуданд, ки имрӯз низоми идоравии амалкунанда сифатан аз даврони Шуравӣ ва ҳатто ибтидои замони истиқлол ба куллӣ фарқ мекунад.

[2] Эмомали Рахмонов. Долгий путь к миру. – Душанбе, 1998. – С. 16.

Дуюм, таъмин намудани ваҳдати миллӣ мебошад. Сарвари давлат тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кунанд ва сулҳу суботи комилро барқарор созанд.

Сеюм, интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ мебошад, ки роҳро ба сӯйи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона кушод ва Тоҷикистонро ба оламиён чун давлати рушдёфта муаррифӣ кард.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз давраҳои бениҳоят душвор ва сарнавиштсози гуфтушуниди тоҷикон соли 1995 буд, ки аввалин бор музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул баргузор гардид. Пеш аз сафар ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар моҳи апрели соли 1995 Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбати ихтисосиашон бо хабаргузории «Интерфакс» дар бораи ҳадафҳои вохӯрияшон бо роҳбари мухолифин чунин иброз доштанд: **«Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбари оппозитсия ман, пеш аз ҳама, мавзуъҳоеро баррасӣ хоҳам намуд, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон иртибот дошта, масъалаҳои оташбас ҳам дар сарҳад ва ҳам дар дохили кишвар, баргашти тамоми муҳоҷирине, ки ҳанӯз дар хоки Афғонистон ҳастанд ва ҳамчунин, дигар масъалаҳоро дар бар хоҳад гирифт. Мақсади ман расидан ба мусолиҳа бо оппозитсия мебошад, ки ин мусолиҳа бояд бечунучаро аз ду тараф иҷро шавад».**[3]

Дар вазъияти мураккаб ва ноамнии комил дар шаҳри Кобул, ки дар бист километр берун аз он ҷанги шадиди байни неруҳои ҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолиф идома дошт ва мушакҳо ба тарафи шаҳр, бахусус, ба фурудгоҳи Кобул парронда мешуданд, ҳавопаймои Роҳбари давлат дар фурудгоҳи шаҳри Кобул ба замин нишаст ва музокирот бо мухолифин шуруъ гардид.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чунин шароити вазнин ва хатарнок барои таъмин ва истиқрори ҳар чи зудтари сулҳу субот дар кишвар дар душвортарин шароит ду рӯз музокироти хеле муҳим ва сарнавиштсозро муваффақона анҷом доданд. Натиҷаи музокироти сатҳи олӣ дар Кобул барои ташвиқ ва тарғиби барқарории сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар Тоҷикистон аҳамияти фавқулодда дошт. Дар «Изҳорот»-е, ки ба имзо расида буд, аз ҷумла, чунин ишора шудааст: **«Ҷонибҳои тоҷикон ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт».**[4]

Пас аз баргаштани ҳайати Ҳукуматии Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе вазири дифои Афғонистон шодравон Ахмадшоҳи Масъуд дар мулоқот бо хабарнигорон дар хусуси мавқеи инсонпарварӣ ва ватандӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, чунин гуфт: **«Раҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, Ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омодааст ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин раис тоҷикон ҳатман бо сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт».**[5]

Дар Тоҷикистон ҳамон сол дар минтақаҳои зери нуфузи мухолифини собиқи мусаллаҳ задухӯрдҳои шадид давом дошт. Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити хеле хатарнок мулоқоту гуфтушунидҳои зиёде бо гурӯҳҳои гуногуни дохилӣ анҷом доданд, ки ба таъмини сулҳу субот такони ҷиддӣ бахшиданд.

---

[3] Эмомали Рахмонов. Долгий путь к миру. - Душанбе, 1998. – С. 21.
[4] Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). Душанбе, 1997. – С. 30.
[5] Ҳамад Султон. Нақши Аҳмадшоҳи Масъуд дар сулҳи тоҷикон. - «Рӯзномаи Тоҷикистон». - 2001. – 27 август.

Музокироти душвори дигар дар сатҳи олӣ дар деҳаи Хустдеҳи Афғонистон дар зимистони сарди соли 1996 сурат гирифт. Ин музокирот дар як мавзеи дурдасти Хустдеҳ, ки дар он на ҷойи хоби мувофиқ мавҷуд буд ва на барқ дошт, доир карда шуд. Ҳайатҳои музокироти сулҳи тоҷикон ду шабонарӯз то субҳ музокира карданд ва дар натиҷа Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбию сиёсии минтақаҳои даргир дар 8 банд таҳия ва ба имзо расид, ки дар асоси он оташбас барқарор гардид ва неруҳои низомии мухолифони собиқ ба мавқеи пештараашон баргаштанд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин музокирот пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати таъмин ва таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон бояд Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) таъсис дода шавад ва роҳбари он бояд намояндаи мухолифин бошад. Чунин пешниҳоди ҷасурона дар он давра кори саҳлу осон набуд. “**Дар маҷмуъ, дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон: Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Туркманистон идома ёфтанд, муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳ 9 даври музокирот, 6 вохӯрии сарон ва 21 маротиба музокирот анҷом дода шавад, ки дар натиҷаи онҳо 40 санади тақдирсози миллӣ ба имзо расонида шуд”.**[6]

Дар ҷараёни гуфтушунидҳо тоҷикон дарк намуданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, чунки даргирии бародаркӯш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад. Бегонагоне, ки ин ҷангро ба сари миллат таҳмил карданд, маҳз таназзулу нобудии давлатдории тоҷиконро мехостанд, шукри Худои мутаъол, ки тирашон хок хӯрд. Бояд таъкид намоям, ки баъзе аз кишварҳои дуру наздик намехостанд, ки дар Тоҷикистон сулҳу оромӣ бошад ва бо ҳар роҳу восита ба раванди сулҳ халал мерасонданд.

Тавре ки маълум аст, аз нахустин қадамҳои Истиқлоли давлатӣ доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ, бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонданд. “**Дар натиҷа беш аз 100 ҳазор нафар шаҳрвандони мо кушта шуданд, қариб 1 миллион нафар иҷборан хонаву дари худро тарк карда, ба кишварҳои ҳамсоя фирор намуданд”.**[7]

**“Мувофиқи ҳисобҳо ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмуъ, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонид, ки он замон 105 маротиба аз буҷаи соли 1995 зиёд буд. Зиёда аз 30 ҳазор хонаи истиқоматӣ сӯзонда, садҳо биноҳою иншоот, заводу фабрикаҳо, муассисаҳои тиббӣ, маориф, идораҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои зиёде харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надорад, зеро бар асари он даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон, даҳҳо ҳазор занон аз шавҳаронашон маҳрум гардида, зиёда аз 55 ҳазор кӯдак ятим монданд”.**[8]

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид. Ин ҳуҷҷат ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи хеле сахт ва мудҳиш таҳти роҳбарии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардид, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги азалии хеш истифода намуд.

---

[6] Эмомали Рахмонов. Долгий путь к миру. - Душанбе, 1998. – С. 21.
[7] Ҳамон ҷо. – С. 25.
[8] Эмомали Рахмонов. Долгий путь к миру. - Душанбе, 1998. – С. 31.

Бо кӯшиш ва ҷаҳду талошҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои татбиқи давра ба давраи сулҳи сартосарӣ, таъмини фазои боварӣ ва эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои бадбинӣ ва даргириҳои мусаллаҳ, фаҳмондани ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бе яроқ намудани баъзе қумандонони саркаш ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои имзошуда, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, Комиссияи оштии миллӣ дар шаҳри Душанбе таъсис дода шуд.

Қобили зикр аст, ки Комиссияи оштии миллӣ дар раванди таъмини сулҳ ва иҷрои вазифаҳои хеш фаъолияти хуб нишон дод ва ба Ватан содиқона хизмат кард. Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон раванди ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо тақвият бахшид ва сулҳи тоҷиконро пойдору устувор кард.

Дар натиҷа аз баракату шарофати сулҳу салоҳ дар кишварамон ҳизбу созмонҳои мухталиф арзи вуҷуд намуда, раванди демократикунонии ҷомеа шуруъ гардид. Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад ва мардуми кишвар Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои миллат эътироф ва пазируфтанд, сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб ва қабул карданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон пайдо кард, ки кишвари мо роҳи сулҳ, ободӣ ва бозсозии кишварро пеш гирифт ва аз ин хотир мамлакатҳои мухталиф омодагии худро барои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон баён карданд.

Истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ волоияти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Роҳбари давлат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қаламрави ҷумҳурӣ таъмин намуд. Ҳамагон фаҳмиданд ва дарк намуданд, ки танҳо бо роҳи сулҳу салоҳ метавон ваҳдати миллиро таҳким бахшид, миллатро сарҷамъ намуд ва эҳтирому обрӯи Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардошт ва насли наврасро дар рӯҳияи соҳибистиқлолӣ, муҳаббат ба Ватан, таъриху адабиёт, забони модарӣ, пешрафти ҷомеаи демократӣ, худшиносии миллӣ ва арзишҳои маънавии суннатӣ тарбия кард.

Бо дастуру супориши Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ… барномаҳои сармоягузорӣ, стратегияҳо ва консепсияҳои миллӣ қабул гардиданд ва чорабиниҳои муҳим дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд, ки эътимод ва боварии мардумро ба раванди созандагиҳои кишвар бештар намуд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ, таъсиси Шурои ҷамъиятии Тоҷикистон, сохтмони роҳҳои оҳан ва мошингард, нақбу неругоҳҳои барқӣ, дар сатҳи байналмилалӣ гузаронидани конфронсу симпозиумҳои фарҳангӣ, ҷудо кардани 75 ҳазор гектар замин барои киштукор ва некуаҳволии мардум, таҳия, қабул ва дар амал татбиқ намудани қонуну қарорҳои дахлдор ва ғайра ба пешрафти мамлакат мусоидат карданд.

Дар баробари ин, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустин барои ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти кишвар аҳамияти махсус доданд. Бо ташаббус ва ибтикори Сарвари давлат чор ҳадафи стратегии кишвар: таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар қабул гардиданд. Таъмини истиқлолии энергетикӣ бо истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти комуникатсионӣ баромадан, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан ва таъмин намудани амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат,

саноатикунонии босуръати кишвар ва сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ дурнамои рушди иқтисодии кишварро ташкил менамоянд.

Садҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ амалӣ гардида, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ, рушди инфрасохтории соҳаҳои саноат ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, дифферсификатсия намудани содироти ватанӣ, амалигардонии сиёсати ивазкунандаи воридот аз ҷумлаи тадбирҳои судманди Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт мебошад.

Бо ташаббус ва дастгирии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бунёди шабакаи ягонаи энергетикии кишвар дар асоси муттаҳидсозии шабакаҳои Ҷануб ва Шимол амалӣ гардиданд. Бо таъкиди Сарвари давлат, тадбирҳо дар самти муайян намудани сарчашмаҳои нави захираҳои энергетикӣ андешида шуда, лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дар оянда ба кишварҳои минтақа фурӯхтани неруи барқи дар доираи CASA - 1000 амалӣ гардида истодааст.

Самти дигари фаъолияти Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин таҳким бахшидан ва рушди фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Бояд тазаккур дод, ки Сарвари давлат соҳаи фарҳангро дар меҳвари фаъолияти давлатдории хеш қарор доданд. Яъне, фарҳангро ба омили таҳкимбахши ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми тоҷик табдил доданд. Бо ташаббус ва ҳидоятҳои Роҳбари давлат дар маркази шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон қомат афрохтани пайкараи Исмоили Сомонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қадами устувор дар баланд бардоштани маънавиёт ва худшиносии миллат мебошад. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомабахши пешаи нахустин асосгузори давлати тоҷикон - Исмоили Сомонӣ мебошанд, ки тавонистанд миллатро аз парокандагӣ наҷот бахшанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар солҳои 90 - уми асри гузашта майдони маҳалчигӣ, миллатгароӣ ва дигар падидаҳои номатлуб васеъ гардид, робитаи мадании давлат ва ҳатто гурӯҳҳои гуногуни миллиро дар доираи як давлат халалдор мекард. Арзишҳои фарҳангӣ, ки аслан воситаи муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад, он замон бо «эҳтимом» - и душманони миллат дар баробари дигар омилҳо падидаҳои фарҳангии маҳалҳои гуногуни кишварро зидди ҳам гузошта, ҳамчун омили сар задани ҷанги шаҳрвандӣ истифода карда шуданд.

Маҳз Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ақлу заковати баланди хеш тавонистанд фарҳанг, ҳунар ва санъатро барои бунёди ваҳдати миллӣ истифода баранд, ки беҳтарин арзишҳо ва комёбиҳои маҳалҳои гуногуни кишвар фарҳанги умумимиллии моро ғанӣ сохт.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки асосгузори он Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошта, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург ҳамеша дар ҳолати душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои бебаҳо истифода намуда, наҷот меёбад.

Ба қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан: **«Тоҷикон намунаи таъбири беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон оварданд».**[9]

Дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон дар мавриди идоракунии самти иқтисодиву иҷтимоӣ замина ва таҷрибаи муайяне дошт, аммо дар бахши равобити байналмилалӣ чунин таҷриба мавҷуд набуд ва ё хеле маҳдуд буд.

---

[9] Назаров Т. Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Душанбе, 2001. – С. 153 - 154.

Аз ин рӯ, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самти фаъолият корро аз сифр оғоз намуданд. Ба қавле ба ақлу дониши худ бо истифода аз эътимоду иттико ва хираду заковати мардум ба ҳадафи хеш расиданд. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 170 кишвари ҷаҳон муносибати дипломатӣ дошта, беш аз 180 давлат истиқлоли моро эътироф кардаанд. Солҳои охир мақоми Тоҷикистон дар баргузории ҳамоишҳо, конфронсҳо ва нишастҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, оид ба ташаббусҳои фарогир ва нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтаанд, бомаротиб афзудааст.

Аз ин рӯ, Тоҷикистон бо шарофат ва сиёсати сулҳпарваронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи шарикони хориҷӣ чун кишвари амну осоиш ва сиёсати устувор шинохта шудааст.

Ҳамзамон, саҳми Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бузург аст. Қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки манзмун ва мундариҷаи онҳо хусусияти миллӣ доранд, дар пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум мусоидат менамоянд. Воқеан, қонунҳои мазкур дар мавриди тарбияи мардум оид арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодон, шикастани қолабҳои исрофкорӣ дар маъракаҳо, дур шудан аз зоҳирпарастиву худнамоӣ ва покиза нигоҳ доштани расму суннатҳои динӣ доираи арзиши баланд буда, саривақтӣ ва муҳим будани худро дар ҳаёт исбот карданд.

Коршиносон ва олимони ҷомеашинос иртиботи батнии фаъолияти имрӯзаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо дарунмояи фикрии давлатдории хонадони Сомониён дарёфтаанд. Инчунин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар густариши фазои демократӣ нақши бориз гузоштанд ва дарёфти тавозуну таносуб дар ҳама самтҳои фаъолияти сиёсӣ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба ормонҳои мардум адолати иҷтимоиро дар бунёди низоми нави давлатдорӣ устувор намуданд, ки аз заминаҳои бисёр муҳимми пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад.

Дар меҳвари сиёсати Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инсон ҳамчун арзиши олӣ мақоми махсус дорад. Маҳз бо ибтикори Пешвои миллат баргузор гардидани ҷашнҳои милливу байналмилалӣ, бахусус, 1100 - солагии давлати Сомониён, ҳазораи «Шоҳнома» - и безаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, 675 - солагии ғазалсарои бузург Камоли Хуҷандӣ, 700 - солагии олим, шоир, мутафаккири барҷастаи Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 2700 - солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 2800 - солагии шаҳри бостонии Истаравшан, 3000 - солагии тамаддуни Ҳисор, 1000 - солагии Носири Хисрав, 1025 - солагии Абуалӣ ибни Сино, Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ, 800 - солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1150 - солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва 1310 - солагии пешвои мазҳабии миллати мо - Имоми Аъзам - Абуҳанифа, 5500 - солагии тамаддуни Саразм, бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ Умари Хайём, Закариёи Розӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Нақибхон Туғрал, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Ширишоҳ Шотемур, Нусратулло Махсум ва силсилаи тадбирҳое, ки ба ин муносибат амалӣ гардидаанд, дар солномаи даврони истиқлолии кишвар бо ҳарфҳои зарин сабт гардидаанд.

**ТАҲЛИЛ**



***Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОД,***
***муовини вазири маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***доктори илмҳои педагогӣ***

# МАОРИФ: ПЕШРАФТ ВА МУШКИЛОТ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушду пешрафти ҳамаи соҳаҳои кишвар ва сулҳу субот ҳамвора талош менамоянд ва моро барои фаъолияти созонадаву ватандӯстона ҳидоят мекунанд. Аз ин рӯ, мардуми сарбаланди тоҷик боз ҳам ҷиҳати тараққӣ бахшидани мамлакат заҳмати содиқона мекашанд ва ба ин васила, дар рушди устувори тамоми соҳаҳои мамлакат хизмати арзанда менамоянд. Шоистаи таъкид аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаҳои илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати пешрафти ин соҳаҳои ҳаётан муҳим тадбирҳои судманд меандешанд. Дар ин маврид Камолиддини Биноӣ бамавқеъ гуфтааст:

*Пояи давлат набошад бе маориф устувор,*
*Давлати поянда хоҳӣ, рӯй бар мактаб биёр.*

Дарвоқеъ, бахри рушду пешрафти соҳаи маориф Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат нақши муассир доранд. Дар Паёмҳои Сарвари давлат ба масоили таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода мешавад ва ҳамчун дастури раҳнамо вазифаҳои навро барои аҳли маориф пеш мегузорад. Бояд гуфт, ки дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат (23.12.2022) таъкид гардид, ки “танҳо дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, ки ин нишондиҳандаи хело бузург аст. Ҳол он ки дар 70 соли замони Шуравӣ ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд”.

Дар замони соҳибистиқлолӣ Сарвари давлат маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки мамлакат эътироф намуда, ҷиҳати вусъати ин соҳаи ҳаётан муҳим корҳои назаррас анҷом доданд, барои дарёфти роҳу усулҳои муассири таълиму тарбия дастурҳои мушаххас иҷро карданд ва бахри пешрафти он шароити мусоид фароҳам оварданд. Вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардидааст, ки инсониятро дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини

таърихӣ қарор додааст, моро водор менамояд, ки барои рушди маорифи миллӣ ва ба ин васила, дар омода намудани мутахассисони баландпоя чораҳои таъхирнопазир андешем. Дар давоми ду соли охир маоши омӯзгорон ба андозаи 20 фоизӣ боло бардошта шуд, ки ин омили баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар ҷомеа мебошад.

Имрӯз дар кишвари мо сулҳу суботи пойдор ҳукмфармост ва пешрафту таҳкими амну осоиши давлату миллат ба наврасону ҷавонони ватандӯст вобаста аст. Сарвари давлат пайваста ба соҳаи маориф ғамхориҳо зоҳир менамоянд ва мақому манзалати омӯзгорро дар ҷомеа баланд мебардоранд. Воқеан, мактаб ҳамчун боргоҳи илму дониш, саводу маърифат буда, омӯзгор ҳамчун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас ба ҳисоб меравад. Зеро муаллим бо заҳмату талоши пайваста сатҳи маърифатнокии мардумро баланд мебардорад, наврасону ҷавононро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия менамояд.

Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат қайд намуданд, ки “бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне, ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруии инсонӣ мебошад”.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди бонизоми соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор ва ба наврасону ҷавонон ҷиҳати азхуд намудани донишҳои муосир хидмати арзанда намудаанд, ки ба рушди маорифи миллӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Дар Паёми Президенти кишвар зикр шудааст, ки дар беш аз сӣ соли соҳибистиқлолӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар зиёд гардидааст. Ҳарчанд ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар раванди сиёсиву иҷтимоии кишвар бо душвориҳои зиёд мувоҷеҳ гардид, соҳаи маориф бо маром рушуду инкишоф ёфт ва навгониву дигаргуниҳои зиёде дар раванди таълиму тарбия ба амал омад. Дар баробари ин, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба куллӣ тағйир дода шуд ва стандартҳои таълимӣ аз нав таҳия гардиданд.

Бояд қайд кард, ки Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 29 ноябри соли 2022) қабул гардид, таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассисони ҳирфаӣ равона гардидааст. Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (аз 31 январи соли 2020, №1445) эълон намудани солҳои 2020-2040, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ аз нав татриб дода шуда, соатҳои таълимии фанҳои тахассусӣ зиёд гардид.

Вазифаи аввалиндараҷаи аҳли маориф, на танҳо ба таълиму тарбия фаро гирифтани наврасону ҷавонон, балки омода намудани мутахассисони ҳамқадами замон ва татбиққунандаи сиёсати маорифпарваронаю хирадмандонаи Сарвари давлат ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегии мамлакат маҳсуб меёбад, ки татбиқи он аз аҳли маориф масъулияти зиёдро тақозо мекунад. Дар ин миён бунёди корхонаҳои азими саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба кишвари саноативу аграрӣ табдил додани Тоҷикистон мебошад. Барои амалӣ намудани ин ҳадафи олӣ Вазорати маориф ва илм муваззаф аст, ки ба тайёр намудани мутахассисони варзида, ки тавонанд ба рушду пешрафти кишвар саҳми бориз гузоранд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат Вазорати маориф ва илм дар якҷоягӣ бо дигар вазоратҳои дахлдорро вазифадор намуданд, ки “то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба

касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯйӣ намоянд”. Инчунин, ҷиҳати амалигардонии барномаҳои давлатӣ, ки барои рушду пешрафти кишвар равона гардидаанд, роҳу усулҳои муосири таълимиро вобаста ба омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнатро татбиқ намоянд.

Таъкид бояд кард, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ курсҳои касбомӯзӣ ташкил карда шудааст, ки ин барои ба шуғл фаро гирифтани на танҳои донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ, балки ҷиҳати мардумро ба касбу кори мувофиқ ҷалб намудан замина мегузорад. Дар ин самт муассисаҳои таълимии касбӣ вазифадоранд, ки давоми соли 2023 дар ҳар муассиса на кам аз 10 курси кӯтоҳмудати касбомӯзии ба муҳлати аз се то шашмоҳа, ба монанди, устоҳои челонгар, дуредгар, баркчӣ, дӯзандагӣ, зардӯзӣ, попурӣ, дизайнерӣ, оҳангарӣ, заргарӣ ва ғайраро ташкил намоянд. Дар баробари ин, омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷавононро дар руҳияи меҳанпарастӣ ва дӯст доштани анъанаҳои миллӣ водор менамояд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ барои ҷалби ҷавонон ба ҳунармандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ таъсис дода шуд.

Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот яке аз вазифаҳои аввалиндараҷае мебошад, ки дар омода намудани бояд мутахассисони касбӣ, ҳамзамон, тайёр намудани кормандону ҳунармандони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ таъсири мусбат мерасонад.

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ диққати бештар бояд дод, ки заминаи асосии баланд гардидани сифати таҳсилот дар дигар зинаҳои таълим маҳсуб меёбад. Бояд қайд намуд, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ шуъба ва бахшҳои сифати таҳсилот таъсис дода шудааст. Бо таъсиси бахшу шуъба ва раёсатҳои сифати таҳсилот дар зинаҳои таҳсилот ба таври бояд баланд гардидани сифати таҳсилот ғайри имкон аст. Дар ин самт, пеш аз ҳама, мутахассисони ботаҷрибаву донишманд ҷалб гарданд ва вазифаи онҳо на танҳо назорату санҷиш, балки дарёфту амалии роҳу усулҳои муосири таълим дар раванди таълим бошад.

Меъёри муайянкунандаи (индикатор ва нишондиҳандаҳо) сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла, дар литсейҳои касбӣ ба 60-70 фоиз, дар коллеҷҳои сохторӣ 60-70 фоиз, дар коллеҷҳо 70-80 фоиз баробар ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 80 фоиз баробар дониста шудааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки гузаронидани мониторинги сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот интидикатор ё нишондиҳандаҳои худро дошта бошад ҳам, саҳеҳ будани натиҷаҳои сифати таҳсилот дар муассисаҳо шубҳаовар аст.

Ҳангоми гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ муайян гардид, ки сифати таҳсилот ба ҳисоби миёна ба 34,4% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 82,8% баробар аст. Мутаассифона, маълумотномаҳои бахшҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз натиҷаи таҳлил ва хулосаҳои гурӯҳҳои кории Вазорати маориф ва илм фарқияти зиёд доранд, ки ин омил нигаронкунанда буда, дар муайян намудани сатҳи воқеии сифати таҳсилот монеа эҷод мекунад.

Бо мақсади ба даст овардани иттилооти дақиқу воқеӣ доир ба сифати таҳсилот ва сатҳи донишазхудкунии таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ мониторинги дохилимуассисавӣ гузаронида шуд ва дурнамои рушди таҳсилот муайян гардид. Ҳамзамон, дар ин самт самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва таъмини беҳдошти раванди идоракунии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ мушаххас карда шуд. Муайян гардид, ки сифати таҳсилот

дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба талабот ҷавобгӯ набуда, беҳбудӣ мехоҳад. Чунки сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз 71 то 95 фоизро ташкил дода, сифати таҳсилот аз 31 то 45 фоизро дар бар мегирад, ки нигаронкунанда мебошад.

Мусаллам аст, ки баланд гардидани сатҳу сифати таълим аз заҳмат ва донишу ҷаҳонбинии омӯзгор вобаста аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгорону мутахассисони ҳирфаиву донишмандро омода кунем. Раванди ҷаҳонишавӣ талаб менамояд, ки ҳамқадами замон бошем ва аз техникаву технологияи муосир самаранок истифода намоем. Зеро рушди бомароми маориф аз истифодаи роҳу усулҳои муассири таълим дар раванди дарс иртиботи ногусастанӣ дорад ва дар шароити муосир муносибати босалоҳият аз такмилбахштарин усули таълим аст. Чанд соли охир омӯзгорон аз курси такмили ихтисоси муносибати босалоҳият гузашта, инчунин, китобу барномаҳо дар заминаи он омода ва чоп мегарданд. Новобаста аз ин, муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд на танҳо роҳандозӣ нагардидааст, балки моҳияти он ба устодону омӯзгорон фаҳмонида нашудааст. Агар муносибати босалоҳият ба таълимро дар заминаи омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор диҳем, маълум мегардад, ки он такмили фикрронӣ, бедор намудани эҷодкориву навоварӣ, тақвият додани қобилияти зеҳнии наврасону ҷавонон мебошад. Усули мазкур, аз як тараф, хонандагону донишҷӯёнро фаъол гардонад, аз ҷониби дигар, барои аз бар намудани маҳорати эҷодӣ, дарки амиқи мавзуъ ва дар ин раванд ҳамчун мутахассиси ояндабин омода гардидани онҳо замина мегузорад. Зеро дар таълими босалоҳият се раванди маърифатнокӣ амалӣ мегардад, ки инҳо дониш, маҳорат ва малака мебошад. Мутаассифона, адабиёти таълимии зинаҳои таҳсилот бештар ба аз бар намудани дониш ва маълумот равона гардида, матни тайёр ба хонанда пешниҳод мегардад, ки он танҳо барои рушди хотираи хонанда таъсир мерасонад. Ҷаҳони муосир талаб менамояд, ки насли навовару эҷодкор ва донишмандро таълиму тарбия намоем. Файласуфи шинохта Конфутсий қайд намудааст, ки “200 ҳазор мисраъ достонҳои қадимаро азёд карда, қобилияти ҳалли одитарин масъалаи ҷомеаро надошта бошӣ, ин аҳмақие беш нест”.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки барои тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир талоши бештар намоем. Барои ин зарур аст, ки таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, истифодаи роҳу усулҳои муассири таълим ва татбиқи муносибати босалоҳиятро амалӣ намоем. Муносибати босалоҳиятро метавонем аз таҷрибаи давлатҳои дигар биомӯзем. Дар ин ҷода таҷрибае, ки дар кишварҳои Олмон, Британияи Кабир, Амрико, Сингапур..., ки дар татбиқи он муваффақанд, метавон мавриди омӯзиш ва истифода қарор диҳем. Гузаштан ба муносибати салоҳиятнок дар замони муосир ва бархурди тамаддунҳо зарурати аввалиндараҷаро ба миён гузоштааст.

Тибқи талаботи “Меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм (аз 29.06.2017, №8/17) тасдиқ гардидааст, дар асоси он дар ин гурӯҳи муассисаҳо омӯзгорони доимӣ бояд на кам аз 80 фоизро ташкил диҳанд ва 5 фоизи онҳо бояд дорои унвон ва дараҷаи илмӣ бошанд. Ин меъёр дар аксар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва қисме аз муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар риоя намешавад. Ба вазифаи мудирони кафедраҳо устодони унвони илмӣ надошта интихоб гардидаанд, ки ба сифати таҳсилот таъсири манфӣ мерасонад. Вобаста ба ин, тибқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм дар соли таҳсили 2022-2023 норасоии кадрии омӯзгорон дар тамоми МТМК муайян гардида, барои бартараф намудани он дастуру супопишҳои мушаххас дода шуд. Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ уҳдадор шуданд, ки ҷиҳати тибқи талабот ба роҳ мондани фаъолият ва ҷалби омӯзгорони унвондор ба таълиму тадрис ва шароит фароҳам овардан барои ҳимояи рисолаҳои номзадии омӯзгорон чораандешӣ намоянд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат ҷиҳати омода намудани омӯзгорони варзидаву донишманд бо ҷалби мутахассисони ботаҷрибаи хориҷи кишвар барои омӯзгорони кишвар курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуд, ки онҳо усулҳои нави таълиму истифодаи босамари технологияҳои муосир дар раванди дарсро аз худ намуданд. Чунки маҳз омода намудани омӯзгорони лаёқатманду навовар ба рушди маорифи миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Омили дигаре, ки ба баланд гардидани сифати таълим ва омода кардани мутахассисони донишманду замина мегузорад, ҳамбастагии илм бо истеҳсолот мебошад. Яъне, дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, раванди таълим бо ҷараёни коромӯзӣ баробар тақсим ва бо мувофиқакунонӣ бо низоми кредитии таҳсилот назария бо амалия бояд ҳамгиро карда шавад. Таъсиси кафедраҳои тахассусӣ дар муассиса ва корхонаҳои саноатӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба ҷавонон руҳияи баланди касбомӯзиро бедор менамояд. Ҳамзамон, дар ҷараёни таҳсил агар донишҷӯён дар баробари таълими назариявӣ аз наздик бо амалия шинос шуда, дар раванди истеҳсолот бевосита иштирок намоянд, малакаву маҳорати онҳоро сайқал медиҳад. Бинобар ин, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ вазифадоранд, бо корхонаҳои саноатӣ ҳамкориро ба роҳ монда, дар ин самт бо ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим чораандешӣ намоянд.

***21 феврал – Рӯзи байналмилалии забони модарӣ***

Дар дунё ҳеҷ қавме нест, ки ҷудогонагии ҷузъии лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирифта, барои ҳар лаҳҷа як забони ҷудогона сохта бошад… Як тоҷик барои фаҳмидани баъзе луғатҳои аз форсии қадим гирифта шудаи Фирдавсӣ ба чӣ андоза ба душворӣ афтад, як эронӣ ҳам барои фаҳмидани онҳо ҳамон қадар душворӣ мекашад. Дар миёни адабиёти кӯҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ фарқи асосӣ нест.

***Садриддин Айнӣ***

Масъалаи ташаккул ва тараққии забони тоҷикӣ, ғайр аз ҷиҳати таърихӣ ҷиҳати муҳими фарҳангӣ низ дорад. Ман ваҳдати забонҳои дарӣ, форсӣ ва тоҷикӣ дар назар дорам. Таърих адабиёти классикии тоҷик ду-се аср пеш аз истилои араб не, чунон ки баъзе муаллифон менависанд, балки якуним ҳазор сол пештар ба вуҷуд омада ёдгориҳои хаттии он ба асри 6-и пеш аз милод рафта мерасад.

***Бобоҷон Ғафуров***

## ХЕШТАНШИНОСӢ

Н.САНГИНЗОДА

# ВАҲДАТ – БАҚОЮ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ



Дар ҳама асру замон инсоният барои он талошу такопӯ ва саъю азм намудааст, ки озоду сарбаланд ва бахтиёру саодатманд бошад. Мусаллам аст, ки чунин рӯзгори фирӯзу боамну рифоҳ танҳо дар заминаи оромию сулҳ ва муҳити озоду дур аз пархошу ҷанг ба одамон муяссар мегардад. Аммо таърих гувоҳ аст, ки дар марҳалаҳои гуногун, миллати ҷафокашидаи тоҷик, ки аз табори озодагон маҳсуб меёбад, бар асари ҳуҷумҳои ғосибони аҷнабӣ ва ҷангҳову кашокашҳои дохилии табақаҳои болоии манфиатхоҳ, ҳамчунин, таассубу ҷаҳолату нодонӣ басо дар зери зулму бедодгариҳо қарор гирифта, баҳри наҷоту растагорӣ аз ҳисори бардагию сарафкандагӣ талошу пайкор, муқовимат ва муборизаҳо бурдааст, ки ҳосили он озодию сарафрохтагӣ будааст. Ҳақиқати маълум аст, ки решаи ҷомеаи бадбахтиҳо ҷангу қудратталабӣ буда, манфиатҷӯёни фурсатталаб аз ин тохтхову хунрезиҳо суду фоида гирифтаанд, вале раъйияти заҳматкаш азобу фоҷиаҳои мудҳишро дар дилу ҷони хеш таҷрибаву таҳаммул кардаанд. Дур нарафта, манзараҳои даҳшатангезу андуҳбори сарзамини ҳамҷавори мо – Афғонистонро пеши назар биёред. Мардуми ҳасратзада – кӯдакону занону ҷавонон ва мардону мӯйсафедону пиразанон ашк дар бари рӯ, дар чорсӯи зиндагӣ гуруснаву бенаво, ба умеди фардои нек зистан доранд. Оё ин зиндагии одамворона аст? Оё ин озодию саодату бахтиёрист? Оё ин ҷаҳду талош ва кору пайкор баҳри рушду таҳаввули кишвар аст? Ҳаргиз! Саҳнаҳои доғу дилрешкунанда он аст, ки бахши аъзами ин тирабахтони бо амри сарнавишт дар кӯйи навмеди афтода, дар хаймаҳои сарду рутубатнок моҳҳои зиёд ба хотири дарёфти нону ғизо азобҳои тоқатфарсоро паси сар карда, ба бемориҳои вазнин гирифтор мешаванд. Қисмати дигар бошад, ҳанӯз марзҳоро убур карда, дар орзуи зиндагии беҳтару амнтар рӯ ба кишвару мамолики дуру наздик меоранд. Гуруснагӣ авҷ мегирад, одамон маблағи кироие надоранд, ки ба хотири табобату муоличаи худу фарзандонашон ба бемористону пизишкон рӯ оранд. Бадбахтию фоҷеаи мардуми афғон то ба он ҳад расидааст, ки дар қарни XXI духтарони худро ба сарватмандон ҳамчун каниз барои дарёфти пули ночизе мефурӯшанд. Аммо… натиҷа ин аст, ки нақл кардему рақам задем. Оғози ин фоҷиаю сияҳрӯзиҳои миллати афғону дигар халқияту қавмҳо ҳамон ҷангест, ки даҳсолаҳо идома дошту инак, бо ба сари қудрат омадани гурӯҳи ба ном «Толибон» (Иморати исломии Афғонистон) зулму бедод ва ҷаҳлу таассуб жарфтар дар ин мамлакат реша медавонад. Вақте ки дар байни ҳаракату аҳзоби сиёсӣ, гурӯҳҳои саропо мусаллаҳ, миллату халқиятҳои мухталиф ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд надорад, вақте ки

ҳуқуқи дигар миллатҳо, аз ҷумла, тоҷикону ӯзбекон бераҳмона помол карда мешавад, вақте ки озодии занону бонувон аз байн бардоштаву онон аз таҳсил ва фаъолият дар муассисаву идораҳои ҳукуматӣ ҷабран маҳрум мегарданд, дар ин гуна сарзамин, ҷойи зиндагии рангину шукуфонро ғаму ҳасрат ва навмедию руҳафтодагӣ фаро мегирад. Ошкору бармалост, ки дар Афғонистон имрӯз ҷаҳлу таассуби мазҳабӣ бар хираду тафаккури волои инсонӣ дастболо шуда, халои маънавӣ сар то сари кишвар густариш меёбад. Ҳамаи ин вазъи бедоду фоҷеаборро пеши назар оварда, ба рӯзгори хушбахтонаи мардуми тоҷик ва Тоҷикистони озод муқоиса мекунем ва забон ба санову шукр мекушоем. Воқеан, ҷанг падидаи хатарзо ва бар боди фано додани тамоми умеду орзу ва мақсадҳои некманишонаи инсоният ба шумор меравад. Аз ин хотир, суханони хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз минбари Иҷлосияи XVI садо дода буд («Ман ба шумо сулҳ меорам») зербинои давлатеро гузошт, ки аҳдофаш сулҳу амонӣ ва ваҳдату дӯстии якдилии кулли қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Таъсири фалокатбори ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон солиёни дароз боқӣ монда, дарду доғи он дар ҳар як хонадон эҳсос карда мешавад. Имрӯз Сарвари давлат дар ҳар як суханронии хеш таъкид мекунанду ҳушдор медиҳанд, ки бояд ваҳдату сулҳро, ки бо баҳои ҷон ба даст омадааст, чун гавҳараки чашм ҳифзу эҳтиёт кунем. Дигар набояд кишвар дар халоби ҷаҳлу нодонӣ ва таассубгароии динӣ ғарқ гардида, ҳуқуқу озодиҳои мардум помол ва худи онҳо дар ба дару ғарибу беватан шаванд. Таҷрибаи талхи ҷанги дохилӣ бозгӯйи он аст, ки дар ҳама ҳолат бояд неруҳои хирадоину фазлпеша, қишри зиёию интеллектуали ҷомеа дар байни мардум, хусусан, насли наврас ва ҷавонон суҳбату суханрониҳои пурмуҳтаво, ки моҳияти онро нақши бузурги маърифату хирад, андӯхтани илм, фаъолияти созанда бар манфиати кишвар, садоқат ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ормонҳои волои ватандорӣ ташкил медиҳанд, анҷом бидиҳанд. Зеро бадхоҳону душманони миллату кишвар аз тамоми васоилу абзори дастраси иттилоотию тарғиботӣ истифода карда, бо ҳазёну фалсафафурӯшиҳои ҳангомаҷӯёнаи худ ба торҳои асаби ҷавонон нохун мезананд, ба афкори созандаи эшон латма ворид мекунанд, ки ин оқибатҳои хеле баду фоҷиабор дорад. Аз ин лиҳоз, имрӯз пайваста ба насли наврас ва ҷавонон хотирнишон кардан аз аҳамият холӣ нест, ки ҷанг омили бесуботию парокандагӣ, аз байн рафтани арзишҳои миллию дунявӣ ва сохти давлату давлатдорӣ буда, маҳз ваҳдату ягонагӣ, ки бо талошу ҷоннисориҳои фарзандони сарсупурдаи Ватан, ки дар раъси ин ҳама талошу фидокориҳо Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд, ба даст омадааст ва набояд, ҳеҷ қуввае, гурӯҳе ва бадхоҳу бадманише ин муҳити орому бегазандро халалдор созад. Ҳанӯз Бедил дар замони худ огаҳмандона садо баланд карда буд:

*Сулҳ як мӯ агар ба ҷанг расад,*
*Шишаи оламе ба санг расад.*

Агар сабабу омилҳои ба вуқӯъ омадани ҷанги куллан бемоҳияти шаҳрвандиро дар ҷумҳурӣ ба таври дақиқу одилона таҳлил намоем, мушоҳида мекунем, ки як муддат зуҳур намудани халои маънавӣ, аз мардуму хостаҳои онҳо дур мондану бепарвоӣ зоҳир кардани ҳукуматдорони вақт ва ба гурӯҳҳои ҷудоихоҳу фурсатталаб имкони озодии беҳудуд фароҳам овардан, заминаҳои оташу аланга гирифтани кишвар гардид. Тамошогарони ин саҳнаҳои ногаҳонию ба муроду манфиатҳои онҳо хеле-хеле ба мавриду созгор (сарварони гурӯҳҳои ҷиноӣ, пешвоёни мазҳабӣ, аҳзобу ҳаракатҳои сиёсӣ) майдонро бе назорат ва фарох дида, дар пайи амалӣ намудани ҳадафҳои нопоку муғризонаи хеш камари ҳиммат бастанд. Падидаи басо таассуфангезу нобахшиданӣ он буд, ки ба гурӯҳҳои мазҳабию ифротгаро зумрае аз донишмандону зиёиён ноогоҳона ҳамроҳ шуда, иддаои озодию ҳувиятхоҳӣ намуданд. Воқеан, таблиғоти назарфиребонаи воизону ба ном «идеологҳои» наҳзатӣ, бо истифода аз

стереотипҳои қолабию маъмулӣ (камбудию норасоиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, ҳангома бардоштан аз ин ё он иқдоми пешгирифтаи Ҳукумат, дар маҷмуъ, аз зери нохун чирк кофтан) нафарони зиёдеро ба доми найранги худ мекашанд ва бесабаб нест, ки имрӯз низ ин амалу рафтори онон аз дуриҳо, ҳамчунон, бешармона идома меёбад. Бадбахтӣ дар солҳои 90-ум он буд, ки сарнавишти мардуми заҳматкаш, ки як пора нонашро бо меҳнати ҳалол дарёфта, бо аҳли оила ва пайвандонашон бо ҳам медиданд, ба дасти раҳбарони аслан бемавқеъ, беирода ва аз санъати давлатдорӣ фарсаххо дур афтода монд. Дарвоқеъ, нақши шахсияти сиёсӣ дар таърих таҳлил ва натиҷагирӣ шуда, басо бузург арзёбӣ гардидааст. Мутаасифона, роҳбарони вақти ҷумҳурӣ бо тафаккури қолабӣ, ки баста ба таълимоту андӯхтаҳои идеологии Шуравӣ буд ва дарку эҳсос накардани вазъияти ногувори ба амаломада, иродату талош аз худ нишон надоданд, ки низому тартиб ва оромиро ҷорӣ намоянду таҳким бахшанд. Ҳол он ки низоми давлатдорӣ, таври маълум бар мабнои адолату раъиятпарварӣ, гӯш фаро додан ба арзу хостаҳои мардум, машварат оростан бо фозилону донишмандон ва пешгирӣ аз ҷангу хунрезиҳо бақову пойдор хоҳад буд. Ҳангоме ки тарсу ҳарос, боиродагӣ, дар ғами ҷони худ будан, аз мушкилиҳо тарсидан ва худро аз мардум дур гирифтан, роҳбарони вақти ҳукуматро фаро гирифт, охирин умед ба ояндаи дурахшон аз байн рафт ва табиист, ки раъияти дар аъроф монда, ба вазъу носеҳии гурӯҳҳои ифротию силоҳбадаст гӯш фаро додан ва думболи онҳо рафтанд. Ҳосилу паёмади ин худфиребию ҳамҳамаангезиҳо чӣ шуд, ба ҳамагон маълум аст.

Ҷанге сар зад, ки оқибати онро касе пешгӯйӣ карда наметавонист. Ва кишвар бесоҳиб монд, мардумони зиёд рӯ ба фирор оварданд, хонаҳову корхонаҳову заводҳо сӯхтаву вайрону валангор гардида, аз куштаҳо пуштаҳо ба вуҷуд омад. Сӯхтану куштану сарзаминеро ба харобазор табдил додан аз амалҳои зуданҷоме ба шумор мерафт, ки дар сар то сари кишвар ба амал омад. Аммо пеши роҳи сели даҳшатбори ҷангро гирифтан, мардумро сарҷамъ намудан, харобаҳоро обод кардан, қабл аз ҳама, сулҳу ваҳдатро таҳким бахшидану баҳри рушду тараққии ватан талошу фидокорӣ аз сар гирифтан амали саҳлу осоне набуд. Дар ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ (21 декабри соли 2021) хеле ба маврид зикр намуданд: «Мову шумо хуб дар ёд дорем, ки даҳ соли аввали истиқлолият барои мардуми Тоҷикистон марҳалаи озмоиши бисёр сахту сангини таърихӣ буд. Аз ин лиҳоз, хотирнишон месозам, ки ин рӯзҳои орому осуда ба мардуми мо ба осонӣ муяссар нашудаанд. Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузаронданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд». Ва мардум ниҳоят сарвари дилсӯзу соҳибирода ва ҷонфидои худро дар симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфтанд. Аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат омаданашон Сарвари давлат босароҳат эълон намуданд, ки сохти ҳукуматдории Тоҷикистон демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона хоҳад буд. Дар ин кишвар ҳуқуқу озодиҳои мардум муҳтарам шуморида шуда, дасти ҳама гуна зӯроварию таассуби динӣ, ақидаҳои ифротию хурофотӣ ва ғояҳои мазҳабии маҳдудкунандаи иштироки меҳнаткашон дар идораи давлатдорӣ кӯтоҳ аст. Воқеан, сохтори дунявӣ баёнгари дар заминаи илму хирад ва дастовардҳои илмӣ фаъолият кардану рушд бахшидани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба шумор меравад.

Дар меҳвари пешрафту ободии мамлакат инсони созандаи муосир қарор дошта, вай бо донишу тафаккури илмӣ ва ҷаҳонбинии пешқадам иқдому навовариҳо нишон дода, нақши барҷастаи худро дар масъалаи ба оламиён муаррифӣ кардани кишвар мегузорад. Оре, тӯли

беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои беназир ноил гардид, ки ин музаффарияту комёбиҳо самараи сулҳу ваҳдат мебошад, ки заминаи он ҳанӯз 27 июни соли 1997 бо ба тасвиб расидани Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба таври қатъӣ гузошта шудааст.

Ҳамакнун вазифаю рисолати устодону омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ аввалқадам аз он иборат аст, ки насли наврасро дар руҳияи ормонҳои миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, ғояҳои патриотизму хештаншиносӣ ва садоқат ба арзишҳои маънавӣ тарбия намоянд. Насли созанда ва ҷавонони кӯшову серғайрат бояд ҷанбаю омилҳои таҳким ёфтани оромию ваҳдат ва суботу сулҳро дар кишвар омӯхта, аз воқеаҳои ба амаломада хулоси дақиқу саҳеҳ бароранд. Ба таблиғи гумроҳкунандаи гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, ки дар хориҷи кишвар сукунат доранд, фирефта нашаванд, зеро ҳангома бардоштан зери шиорҳои «озодӣ», «демократия», «гуманизм» ва «ватандӯстӣ»-и дурӯғин ба ҷуз манфиатхоҳию қудратталабӣ сухане беш набуда, дасисаҷӯён бо ин шеваю усул мағзи ҷавононро заҳролуд кардан мехоҳанд.

Аммо тири ин бадгавҳарон ҳеҷ гоҳ ба ҳадаф нахоҳад расид. Мардуми шарифи Тоҷикистон хулосаи худро дар ин шебу фарози марҳалаи кӯтоҳи таърихӣ баровардаву ба натиҷаи ниҳоӣ расидаанд, ки беҳтарин ганҷинаи ҳастӣ сулҳу оромӣ ва ваҳдату муттаҳидӣ ба шумор меравад.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

**Омӯзгорони тоҷик ғолиби озмуни байналмилалӣ шуданд**

Омӯзгорони шаҳри Душанбе дар озмуни байналмилалии «Беҳтарин мақолаи илмӣ-2023», ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ғолиб омада, бо сертификат ва медали сарисинагӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Озмуни мазкур дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон байни кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардида, дар он аз 8000 иштирокчӣ 200 нафари беҳтарин бо ҷоиза қадрдонӣ карда шуд.

Аз ҷумла, директори литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Сироҷзода, омӯзгори технологияи иттилоотӣ Низомиддин Ҷумаев, омӯзгори забон ва адабиёти рус Арзу Манафова ва омӯзгори химия Гулноз Наботова ғолиби ин озмуни байналмилалӣ дониста шуданд.



**ВАТАНДОРӢ**

*Шерзод КОМИЛӢ,*
*омӯзгори МТМУ №24,*
*шаҳри Истаравшан*

# СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ МИЛЛАТ

*Ба ифтихори 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон*



Воқеан, ба Ватан хизмат кардан шаъну шараф ва қарзи муқаддаси ҳар як фарди бо нангу номус мебошад. Яъне, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ҳамчун мактаби ҷасорату мардонагӣ, шуҷоату далерӣ, матонат, вафодорию садоқат ва рисолати ватандорист. Чунон ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо қарзи фарзандӣ, балки мояи ифтихор ва шарафи бузург аст. Артиш барои ҳар як ҷавонмард мактаби ҷасорату матонат, дӯстиву рафоқат ва худшиносиву меҳанпарастӣ мебошад».

Дар ҳақиқат, хизмати Модар - Ватан шаъну шараф ва обрӯю эътибори ҳар ҷавони ғайюру ватандӯст мебошад.

Хуб медонем, ки асосу пойдорӣ ва устувории ҳар як давлат аз Артиши миллиаш вобаста аст, зеро Қувваҳои Мусаллаҳ сипари боэътимоди миллату давлат мебошад. Соли равон 30-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ дар мамлакат бо тантана таҷлил гардид. Пешвои миллат ҷиҳати таъсиси қисмҳои ҳарбӣ, таъмини афсарони касбӣ, техникаю лавозимоти ҳарбӣ, таъмини афсарони шуҷоъю далер бо хонаҳои истиқоматӣ, шароити мусоид фароҳам овардани заминаҳои моддию маишӣ нисбат ба афсарону сарбозон ва ғайра мунтазам ғамхориву ташаббус нишон медиҳанд.

Хизмат ба Ватан хидмат ба модару падар буда, баҳри пойдориву устувории истиқлол ва осоиштагист Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш зикр намуданд: «Вақте ки мо ватандӯстӣ мегӯем, пеш аз ҳама, муҳофизати Ватан ва тамомияти арзии кишварро дар назар дорем. Имрӯз вазифаи ҳар як шаҳрванди некхоҳ ва ҳар тоҷики ватандӯст, аз хурд то бузург, афзудан ба дастовардҳои истиқлол ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ аст, ки яке аз ин рукнҳо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад».

Агар ба таърихи ниёгонам назар афканем, дармеёбем, ки фарзандони фарзона ва далеру ватандӯсти тоҷик баҳри таҳкиму истиқлолу ваҳдат, сулҳу субот ва пойдории кишвар саҳми бориз гузоштаанд.

Дар ин замина Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Барои насли наврас яке аз муҳимтарин мактаби обутоби ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ин ҷо ҷавонписарон шуҷоату мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт – дӯст доштан ва содиқона муҳофизат намудани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд. Хизмат дар сафи Артиши миллӣ бояд қарзи виҷдонӣ ва ҳаққи фарзандии ҳар як ҷавони далер бошад. Муҳофизати Ватан муҳофизати обу хоки муқаддаси гузаштагони номвари мост. Касе, ки аз хизмат саркашӣ мекунад, аз хизмати падару модар, аз эҳтироми бародару хоҳари худ саркашӣ мекунад. Даъват ба хизмати ҳарбӣ бояд ид бошад».

Чунин андешаҳои ватандӯстонаи Пешвои миллат ҳар як ҷавони бо нангу номус ва меҳанпарастро водор менамояд, ки дар ҳифзи Ватан ва таҳкими сулҳу субот хизмати арзанда намояд. Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири зиндаёд Мирзо Турсунзода хеле зебову ҳадафманд гуфтааст:

*Ту зинда бош Ватан – хонаи умеди халқ,*
*Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз.*
*Даме пурбаҳо мешуморам суханҳоро*
*Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз.*
*Чӣ медиҳӣ ба Ватан? Ҳар касе пурсидам,*
*Ҷавоб дод «Надорам дареғ ҷон ҳаргиз!»*
*Миёни халқу Ватан сахт аҳду паймон аст,*
*Набуду нест ҷудоӣ дар миён ҳаргиз.*

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

**Таҳсил дар зинаи магистратура дар Россия як сол мешавад**

Пас азислоҳот дар зинаи таҳсилоти олӣ дар Федератсияи Россия таҳсил дар магистратура як сол мешавад, - гуфт вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия Валерий Фалков.

Дар низоми нави таҳсил мувофиқи талаботи бозори меҳнат имкон пайдо мешавад, ки дар як сол дар магистратура дониши амиқи касбӣ ба даст овард, - гуфт ӯ.

Ба гуфтаи вазир, магистратура идомаи таҳсилоти ибтидоии олӣ нест, балки замина барои ба даст овардани донишҳои амиқи махсус мебошад. Фалков бар ин назар аст, ки барномаҳои магистрӣ бояд на дар ҳама ҷо дастрас бошанд, балки танҳо дар он донишгоҳҳое, ки барои ин имкониятҳои кадрӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва зерсохтори махсус доранд, амал кунанд.

## МАҚОМИ ОМӮЗГОР

***Бахтовар ДАВЛАТҚАДАМОВ,***
***директори Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ***
***дар ноҳияи Рушони ВМКБ***

# ҲАР КИРО УСТОД НАБВАД КОР БАР БУНЁД НЕСТ




Муаллим, омӯзгор вожаҳоеанд, ки барои ҳар кас муқаддас ва гиромӣ ҳастанд. Зери ин вожаҳо омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб таҷассум меёбад. Омӯзгор шахси барумандест, ки аз хурдӣ шахсро илму адаб омӯхта, ба воя мерасонад.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар (23.12.2022) оид ба мақоми омӯзгор қайд гардидааст: «Мо омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба он арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем, зеро агар омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».

Аз ин рӯ, ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод-омӯзгор эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад.

Касби омӯзгорӣ пешаи муқаддас ва шариф аст. Имрӯз вақти он расидааст, ки мақому манзалати омӯзгорро дар ҷомеа боз ҳам баланд бардорем, зеро онҳо мафкурасози ҷомеа ҳастанд. Яке аз сабабҳои кам шавқу рағбат доштани ҷавонон ба ин пешаи муқаддас дар он аст, ки дар давраи донишҷӯӣ донишу ҷаҳонбинии худро такмил намедиҳанд, ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба мактабҳо кам ҳозир мешаванд. Таҷрибаомӯзии худро бесамар мегузаронанд. Барои дуруст интихоб кардани касб баъди хатми мактаб аҳамият намедиҳанд ва баъдан ҳамчун омӯзгор фаъолият кардан намехоҳанд. Дарвоқеъ, омӯзгор ҳамчун дар баробари волидайн ба тарбияи дурусти кӯдак саҳм мегузорад ва ҳамин аст, ки шоир ҳаққи устодро аз падар боло донистааст:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Омӯзгор равшанибахши роҳи шогирдон ва мушкилкушои онҳо дар шоҳроҳи зиндагонист.

*Ҳар киро устод набвад кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*

Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳама маҳфилҳо, ба камол расидани шогирдон ба омӯзгор вобаста аст. Омӯзгор вазифаи муҳимро ба зимма дорад, кӯдакро илму тарбия меомӯзонад. Вақте ки шогирд ба камол мерасад ва соҳиби донишу маърифати баланд мегардад, бениҳоят хурсанд ва ҳамеша ифтихор мекунад, ки заҳматҳояш самар додаанд. Ҳар кӯдаке, ки аввалин бор баҳри омӯзиш ва соҳиби хатту савод гардидан ба мактаб меояд, омӯзгор бо чеҳраи кушодаву меҳрубонии зиёд истиқбол мегирад. Аз нахустин рӯз кӯшиш менамояд, ки кӯдакон соҳиби дониши хуб ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ гарданд.

Дар ҳақиқат, дар ҷомеаи имрӯза омӯзгорӣ яке аз касбҳои масъулиятнок ба шумор рафта, пешравии давлат ва бомаърифат гаштани мардум аз муаллимон вобаста мебошад. Омӯзгори асил ҳамеша қадру манзалати баланд дорад. Беҳуда нест, ки дар осори адабиёти классику муосири тоҷик дар васфи устод гуфтаҳои арзишманд ироа гардидааст ва миёни мардум соҳибэҳтирому соҳибэътибор аст. Омӯзгор ғунчаҳои боғи ҳаётро дар руҳияи некандешиву ватандӯстӣ ба воя мерасонад. Чашми кӯдаконро ба сӯи олами маънавӣ равона карда, сабаби такомули шахсияти онҳо мегардад. Бо вуҷуди ин, на ҳар кас аз уҳдаи фаъолияти омӯзгорӣ мебароядва шавқу рағбат дорад, зеро муаллимӣ масъулияти баландро тақозо мекунад. Дар ин самт омӯзгорро зарур аст, ки дар баробари ташвишҳои зиндагӣ дар ҷустуҷӯю омӯзиш ва дарёфти маълумоти тоза бошад, усулҳои муосири таълимро дар ҷараёни дарс истифода намояд. Хонанда баъди хатми мактаб ба кадом соҳае шавқ пайдо кунад, аён мегардад, ки дар ин ҷода муаллими бомаҳорат ба ӯ дарс гуфтааст. Дар замони муосир, ки технология босуръат рушд мекунад, хонанда метавонад ба маводи таълимӣ дастрасӣ пайдо кунад, эҳтиёҷ ба омӯзгорони варзидаву донишманд бештар мегардад. Дар Ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ҳавасмангардонии омӯзгорон як қатор корҳои судманд анҷом дода шудааст, ки ба вусъати маҳорату малакаи омӯзгорони ҷавон мусоидат мекунад. Дастгирии омӯзгор ин сармоягузорӣ ба ояндаи миллат аст. Агар эҳтиёҷи моддии омӯзгорон пурра баровард шавад, онҳо ба тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи бештар менамоянд ва хонандагони болаёқату ихтироъкор тарбияву камол меёбад, ки дар рушду пешрафти мамлакат саҳми босазо мегузоранд.

Зиндагии бузургони миллат барои ҳар фарди ватандӯст дарси ибрат аст, пас шогирдро зарур аст, ки эҳтирому иззат ва қадрдонии муаллимро ба ҷо орад ва омодаи хидматаш ба ҷон бошад.

Ривояте аз дарси муаллим

Дар нимаҳои соли таҳсил муаллими яке аз синфҳои поёнӣ бо сабаби мушкилоти шахсӣ ба муддати як моҳ аз мактаб рухсатӣ гирифт ва ба ҷои ӯ омӯзгори дигар муваққатан ба кор омад. Муаллими нав дарсро шуруъ кард ва аз бачаҳо мавзуъҳои дарсиро мепурсид. Вақте ки навбат ба яке аз хонандаҳо расид ва ӯ посухи нодуруст дод, ҳамсинфонаш ӯро хандиданду масхара карданд. Муаллим дарк кард, ки он талаба аз дониш ва ҳуши нисбатан камтаре бархӯрдор аст ва пайваста мавриди тамасхӯри ҳамсабақонаш қарор мегирад. Он рӯз, ҳангоме ки дарс ба охир расид ва хонандаҳо синфро тарк мекарданд, муаллим он донишомӯзро наздаш фаро хонд ва ба ӯ варақае дод, ки дар он байте навишта буд ва аз ӯ хост, ки то фардо байтро аз ёд кунад ва дар ин бора ба касе чизе нагӯяд.

Рӯзи дигар муаллим он байтро дар тахтаи синф навишт ва баъди чанд лаҳзаи кӯтоҳ онро пок намуд ва аз талабаҳо хоҳиш кард, ки ҳар ки байтро аз ёд карда бошад, даст бардорад. Ҳеҷ яке аз талабаҳо натавониста буданд, ки байтро ҳифз кунанд. Танҳо касе, ки дасти худро боло бурд ва байтро қироат намуд, ҳамон талабае, ки дирӯз мавриди тамасхӯри ҳамсинфонаш қарор гирифта буд. Ҳамсинфон аз ин ки ӯ тавонист дар ин муддати кӯтоҳ байтро аз ёд кунад, моту мабҳут шуданд. Муаллим ӯро таҳсину офарин гуфт ва аз ҳамсинфонаш хоҳиш кард, ки барои ӯ каф бикӯбанд. Дар тӯли як моҳ муаллими ҷадид ҳар рӯз ин корро мекард ва аз шогирдонаш мехост, ки он ҳамсинфи худро ташвиқ кунанд ва мавриди лутфу муҳаббаташон қарор диҳанд. Кам - кам нигоҳи талабаҳо нисбат ба ҳамсинфи худ тағйир кард ва дигар ӯро масхара намекарданд. Он донишомӯз низ ба худ боварӣ пайдо намуд ва дигар он шахсе набуд, ки ҳамвора муаллими собиқаш бесаводаш мехонд. Ба хотири боварӣ ба худ ва шавқу завқ ба дарс, ки муаллим ба он хонанда бахшида буд, ӯ тамоми талоши худро ба харҷ медод, ки он эҳсоси хуби бартар будан ва боҳушу арзишманд буданро дар назари дигарон ҳифз кунад. Дигар намехост монанди гузашта нисбат ба дарсҳо бе аҳамият бошад. Бо баҳои хуб соли таҳсилро ба анҷом расонид. Ҳамин гуна мактабро хатм намуду ба донишгоҳ қабул шуд ва баъди итмоми мактаби олӣ ба самти илм рафт ва соҳиби дараҷаи илмии доктор гардид ва ҳамакнун аз беҳтарин мутахассисони пайванди ҷигар дар ҷаҳон аст.

**ТАЪЛИМ**

*Ҳамдамбой ҲАМРОҚУЛОВ,*
*мушовири шуъбаи маорифи*
*ноҳияи Деваштич,*
*Камолиддин ҲАМРОҚУЛОВ,*
*омӯзгори МТМУ20-и ҳамин ноҳия*

# ОБ НЕЪМАТИ БЕБАҲОСТ



Ҳар як омӯзгор ба дарс бо дараҷаи гуногуни салоҳиятнокӣ омода мешавад. Вазифаи омӯзгор танҳо аз дониш додан иборат нест. Омӯзгор барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим низ масъул аст. Бо ин сабаб муносибати нави таълим мақсади мутобиқ сохтан ва татбиқи натиҷаҳои таълим ба талаботи замон мебошад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли мисолу масъалаҳои ҳаётӣ истифода барад ва омӯзгор ҳангоми зарурат усули таълимиро тағйир дода, раванди дарсро самаранок гардонад.

Хонандагон бояд аз рӯйдодҳои айёми хеш огоҳ ва ҳамқадами замон бошанд. Омӯзгорон барои ба ҳадаф расидан дар дарс ва машғулиятҳои беруназсинфӣ аз далелу маводи рӯзномаю маҷаллаҳо ва дастурҳои методӣ ба таври васеъ ва пурсамар истифода баранд. Бо ин мақсад дар вақти пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунии дарс омӯзгор мувофиқи мавзуъҳояш дар давоми 4-5 дақиқа аз маводи рӯзномаю маҷаллаҳо истифода барад. Барои корҳои хонагиву мустақилона супоришҳоеро бояд баррасӣ намуд, ки хонандагони сустхон ҳам бо шавқу завқ онро мустақил иҷро карда тавонанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на фақат дар пайёмҳои хеш, ҳамчунин, дар суханронию пешниҳодҳои худ аз минбари Созмони Милали Муттаҳид яке аз масъалаҳои ҳалталаби умумбашарӣ будани таъминот бо обро пайваста таъкид менамоянд.

Аз ин лиҳоз, мо, омӯзгорон, ба хонандагон доир ба тоза нигоҳ доштани об, дуруст ва сарфакорона истифода бурдани он ва дар бораи усулҳои муҳофизат кардани он дониш ва тарбия додан вазифадорем.

Аз ин рӯ, зарур донистем, ки дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал - “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” дар асоси маълумотҳое, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳо баён шудааст, якчанд мисолу масъалаҳоро дар бораи об тартиб дода, китобҳо пешкаш менамоем, ки омӯзгорон метавонанд дар асоси он тестҳо тартиб дода ё дар вақти гирифтани корҳои

санҷишӣ, пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунии дарс истифода баранд ё супориши хонагӣ диҳанд. Чанд супориш пешниҳод мекунем:

1. Агар соли 1804 дар ҷаҳон 1 миллиард аҳолӣ зиндагӣ дошта бошад, пас имрӯз ба 8 миллиард расидааст. Аҳолии ҷаҳон то имрӯз чанд фоиз ва чанд маротиба зиёд шудааст?

2. Агар талаботи физиологии шабонарӯзии як одам ба об 3-5 литр бошад, ба аъзои оилаи худатон дар як шабонарӯз чанд литр об сарф мешавад?

3. Дар асоси мисоли 2 ҳисоби миёнаи миқдори сарфшудаи обро дар як шабонарӯз дар деҳа, ҷамоати деҳот, ноҳия ва Тоҷикистон муайян кунед.

4. Агар як оила (5 нафар) барои мақсадҳои хоҷагию маишӣ дар як шабонарӯз тақрибан 450-600 литр об сарф кунад, дар як моҳ ё як сол чӣ қадар обро сарф мекунад?

5. Дар асоси мисоли 4 ҳисоби миёнаи миқдори оби сарфшудаи обро дар як шабонарӯз дар деҳа, ҷамоати деҳот, ноҳия ва Тоҷикистон муайян кунед (аҳолии Тоҷикистон 10 миллион)?

6 . Агар шаҳрҳое, ки аҳолиаш як миллион нафар буда, дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 625 ҳазор тонна об сарф кунад, аҳолии Тоҷикистон ё ҷаҳон дар як моҳ ё як сол чӣ қадар об сарф мекунад (аҳолии ҷаҳон 8 миллиард)?

7. Дар асоси мисоли 6 ҳисоби миёнаи миқдори оби сарфшударо дар як шабонарӯз мувофиқи оила ва деҳа аниқ кунед ?

8. Агар ҳаҷми умумии оби Замин 1400 млн. километр куб буда, танҳо 35 млн километр куби он оби ширинро ташкил диҳад, ба ҳар сари аҳолии ҷаҳон чанд литри оби тоза рост меояд?

9. Як ҷумаки вайронаи оби дар хонабуда, дар як сония ду қатрагӣ об чакида истад, дар давоми 12 дақиқа як стакани 200 грамма пур мешавад. Агар сари вақт ҷумакро дуруст накунем, дар як соат як литр об сарф шавад, дар як моҳ ё сол чанд литр об сарф мегардад?

Ҳал: 1 сония - 2 қатра, 12 дақиқа - як стакан, як соат = 60 дақиқа;

60:12= 5 стакан =як литр; як шабонарӯз 5·24= 120 стакан=24 л. Як моҳ

30 ·24= 720 л, як сол 365·24 л= 8760 л

10. Дар хонаи дигар аз ҷумаки вайрон об кам-кам рехта меистад ва дар давоми як рӯз 180 литр об мерезад. Дар 10 рӯз, як моҳ ё сол аз ин ҷумаки вайрон чанд литр об мерезад?

A) (1800 л, 5400 л, 65700 л); B) (1800 л, 55000 л, 65880 л); C) (80 л, 5580 л, 65700 л)

11. Агар як одам барои хӯрокпазӣ, нӯшидан, оббозӣ, ҷомашӯӣ 100 л обро истифода барад, дар як рӯз 180 л бошад, дар 10 рӯз 1800 литр сарф шавад. Бо ин оби сарфшуда чанд нафар одамро таъмин намудан мумкин аст?

12. Агар аз ҷумак ё турбаи об қатра-қатра чакад, сари вақт дуруст накунем, ба ҳисоби миёна дар давоми як моҳ 18200 литр об талаф мешавад. Як одам дар як шабонарӯз 3-5 литр об сарф кунад, ин 18200 литр обро чанд рӯз истифода бурдан мумкин аст?

13. аз ҷумакҳои вайрон об кам-кам рехта меистад ва дар давоми як рӯз 180 литр об мерезад. Агар ҷумакҳои вайрон дар деҳа аз 200-то зиёд бошад, ҳисоби миёнаи миқдори оби сарфшударо дар як шабонарӯз ё сол мувофиқи деҳа муайян кунед?

14. Чи хеле ки маълум аст, ҳангоми истифодаи зироаткорӣ аз системаи номукаммали ирригатсионӣ талафоти об 40%-50%, каналҳои рӯкашшуда 20%-30% ва қубурҳо ҷорӣ шудани об 10% кам шавад, 20 литр об, ки як чоҳи амудӣ мебарояд, то сари замини обёрӣ дар ҷӯйҳои номукаммал, рӯкашшуда ва қубурҳо чанд литр об сарф шуданашро ҳисоб намуда, ба якдигар муқоиса кунед?

15. Як одам дар вақти шустшӯйи дандон, ришгирӣ ва собункунӣ аз ҷумаки кушода дар як дақиқа 7-8 литр об сарф мекунад. Ӯ ин корро 25 дақиқа давом диҳад, чанд литр обро сарф мекунад?

А) (170 л-190 л); В) (175 л-200 л); С) (175 л-195 л)

16. Як одам дар вақти шустшӯи дандон, ришгирӣ ва собункунӣ аз ҷумаки кушода дар як дақиқа 7 литр об сарф кунад ва барои ҳамаи корҳо 25 дақиқа вақт сарф кунад, чанд литр об сарф мешавад. Барои ин корҳо агар обро ба зарф гирифта истифода барад, 3 литр об сарф намоянд, дар як шабонарӯз як одам чанд литр обро сарфа мекунад?

А) (120 л); В) (100 л); С) (115 л); Д) (75 л)

17. Агар одам дар вақти истифодаи оббозӣ дар як дақиқа 20 литр обро сарф кунад, дар давоми 25 дақиқа чанд литр об сарф мекунад?

18. Агар одам дар вақти истифодаи оббозӣ дар як дақиқа 20 литр обро сарф кунад, ин обро ба зарф гирифта истифода барем, зиёда аз 35 литр обро сарф кардан мумкин бошад, дар як шабонарӯз як оилаи 5-нафара чанд литр обро сарфа мекунад?

А) (2325 л); В) (2000 л); С) (2205 л); Д) (2375 л)

19. Дар асоси мисолҳои 16, 17, 18 ҳисоби миёнаи миқдори оби сарфшударо дар як шабонарӯз дар оила ва деҳатон муайян кунед?

20. агар дар вақти ҷумаки кушода дар як дақиқа 7-8 литр об сарф шавад ва ҳангоми пухтани хӯрок, шустушӯйи косаву табақ ва дигар зарфҳои ошхона 35 дақиқа вақт сарф шавад, чанд литр об ҳамагӣ сарф мешавад?

А) (200л-260 л); В) (245 л-280 л); С) (235 л- 265 л); Д) (225 л- 280 л)

21. Ҳангоми тайёр кардани хӯрок, шустанӣ меваю сабзавот, косаву табақ ва дигар зарфҳои ошхонаро ба ҷойи ҷумаки кушода дар зарфи калон обгардон кунем, ҳар яке кори иҷрошуда 60 литри обро истифода кунад, як оила ҳамагӣ чанд литр обро сарфа мекунад?

А) (120 л); В) (180 л); С) (135 л); Д) (240 л)

Дар асоси мисолҳои мазкур ба хонандагон аз шаҳр дида, дар деҳа кам истифода шудан обро мефаҳмонем. Чунки дар деҳа корҳои ба воситаи об иҷрошаванда зиёданд.

22. Мувофиқи ҳисоби олимон ҳаҷми умумии оби тоза ба 1386 миллион километри кубӣ баробар буда, аз он 97,47% ба қаъри замин ва океанҳо меравад. Аз 1386 миллион километри куби об чанд литрашро аҳолии ҷаҳон истифода мебаранд?

23. Агар 115, 6 километри куби оби Арал 65% ба ҳиссаи Тоҷикистон рост ояд, ин чанд литрро ташкил мекунад ва ба сари ҳар як аҳолии Тоҷикистон чанд литрӣ рост меояд?

24. Мувофиқи ҳисоби олимон соли 2000-ум норасоии солонаи об дар ҷаҳон 230 миллиард метри мукаабро ташкил медод, то соли 2025 ин рақам ба 2 триллион метри мукааб баробар мешавад. Норасоии об то соли 2025 чанд маротиба ё чанд фоиз меафзояд?

25. Ҳар сол дар Тоҷикистон 64 миллиард метри кубии оби тоза пайдо мешавад, ки аз он барои эҳтиёҷоти худӣ танҳо 10-12% истифода мегардад. Аҳолии Тоҷикистон ҳар сол чанд литр обро истифода мебаранд ва ин ба ҳар як сари аҳоли чанд литрӣ рост меояд?

26. Ҳар як инсон дар як сол ба ҳисоби миёна қариб 60 тонна обро истифода барад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як моҳ ё сол чанд тонна об истифода бурда мешавад?

27. Дар Тоҷикистон 1300 кӯл мавҷуд мебошад, ки ҳаҷми умумии оби онҳо ба 46,3 километри мукааб баробар аст, ки аз он 20 километри мукааб оби ошомиданӣ мебошад. Оби тозаи ошомидании кӯлҳо чанд фоизро ташкил медиҳад?

28. Захираи оби ширин дар Тоҷикистон 20 километри мукааб буда, аз ин 17,3 километри мукаабаш ба кӯли Сарез рост меояд ва ин чанд фоизи оби ширинро ташкил мекунад?

29. Оби кӯли Сарез яке аз обҳои тозатарин дар ҷаҳон буда, ҳаҷми умумии он 17,3 миллиард метр куб мешавад ва аҳолии Тоҷикистон ё ҷаҳон ин оби тозаро чанд сол истифода мебаранд (Агар як инсон дар як сол ба ҳисоби миёна қариб 60 тонна обро истифода баранд)?

30. Агар як километри мукааб об ба як миллиард тонна об баробар бошад, ин об барои шикастани ташнагии аҳолии ҷаҳон ба чанд сол мерасад?

31. Агар миқдори фоиданокии ҳаҷми оби обанбори НБО-и «Роғун» 13,3 километр куб бошад, танҳо 6,7 километр куби оби захирашаванда барои истеҳсоли неруи барқ ва 320 ҳазор гектар заминҳои поёноб обёрӣ карда шавад, аз ҳисоби захирашудаи об боз чӣ қадар заминҳоро обёрӣ кардан мумкин аст?

Омӯзгорон дар дарсҳои худ ба хонандагон бо ҳал намудани ин мисол на фақат дониш медиҳанд, балки онҳоро бо ин иншооти бузурги аср – НБО-и «Роғун» ошно карда, муҳимияти онро барои халқҳои Осиёи Миёна ва мардуми Тоҷикистон арзёбӣ намуда, аҳамияти стратегии онро дар рушду пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон муаррифӣ мекунанд ва наврасонро дар руҳияи зебопарастӣ ва маданияти сарфаю сариштакорӣ истифода бурдани об ва неруи барқ тарбия менамоянд.

32. Дар Тоҷикистон 13000 пиряхи хурду бузург мавҷуд буда, 40 соли охир аз таъсири гармшавии иқлим беш аз 1000 пирях аз байн рафтааст. Пас 1000 пирях чанд фисади умумии пиряхҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳад?

33. Муайян шудааст, ки дарозии умумии дарёҳои Федератсияи Россия 9 миллиону 648 километр ва дарозии умумии дарёҳои Тоҷикистон 28500 километр аст. Муайян кунед, ки дарозии умумии дарёҳои Россия аз дарозии умумии дарёҳои Тоҷикистон чанд маротиба дароз ё чанд фоиз зиёд мебошад?

34. Узвҳои одам, аз ҷумла, сар, дил, ҷигар, шуш, гурда ба об эҳтиёҷ доранд. Одами 60 килограмм вазндошта, дар шароити муътадил бояд зиёда аз 2,5 литр оби тоза нӯшад. Агар аз 10 миллион аҳолии ҷумҳурӣ 3 миллионаш 60 килограм вазн дошта бошанд, дар як шабонарӯз чанд литр оби тоза менӯшанд?

35. Агар як одам барои харид ба мағоза ё бозор рафта, 3 оби нӯшокӣ ва 2 зарфи пластмасини равған ва 5 чизи дигар гирад, онро ба 5 халтаи селофан ва боз ба як дигар селофани калон андохта медиҳад. Агар аз аҳолии деҳа як рӯз 200 нафар одам ба харид раванд, дар як моҳ ё як сол чӣ қадар селофан ва зарфҳои пластмасин ҷамъ мешавад?

Дар асоси ин мисол ба хонандагон мефаҳмонем, ки 25-30 сол пеш аз бисёр ҷӯю дарёҳо бемалол об нӯшидан мумкин буд. Имрӯз бошад, ифлосиҳои ҷӯю дарёҳоро дида, касе ба даст расонидан дар об ҷуръат намекунад. Ҳатто, халтаҳои селофанӣ ва зарфҳои полиэтилинии истифодашударо бе ягон азоби виҷдон ба дарё, ҷӯйҳо ва замин ҳаво медиҳанд. Дар натиҷа бухоршавии обҳо ва обҳои қаъри Замин ва боришотҳо кам шуда истодааст. Барои пурра нест шудани маводи селофан ва зарфҳои полиэтилини 100 то 500 сол даркор аст.

36. Дар асоси таҳлили олимон ҳар мукааб метр оби партов 40-60 мукааб метр оби тозаро ифлос мекунад. Ин оби партов аз худ чанд маротиба зиёд ё фоиз оби тозаро ифлос мекунад?

37. Дар асоси таҳлили олимон инсоният дар асри XIV барои худ 40-60 литр обро истифода мебурд, ҳоло 300-400 литр об истифода менамояд. Истифодабарии об дар асри XXI чанд маротиба ё чанд фоиз зиёд шудааст?

38. Агар барои истеҳсоли як тонна гандум 1500 метри мукааб ва барои истеҳсоли як тонна пахта 30000 метри мукааб об сарф шавад, барои як миллион тонна гандум ва 600000 тонна пахта истеҳсол кардан, чанд метри мукааб об истифода мешавад?

39. Маҳдори умумии оби Замин ба 1400 миллион километр мукааб баробар мебошад. Оби аз ҷониби одамон истифодашаванда 39500 километр мукаабро ташкил мекунад, оби истифодашаванда чанд фоизи оби умумии Заминро ташкил медиҳад?

40. Тоҷикистон дорои захираи калони пиряхҳо мебошад, ки 64 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Аз ин пиряхҳо дар навбати худ дарёҳои хурду калони зиёде сарчашма мегирад ва аз дарёҳо соле наздик ба 82 миллиард метри мукааб об ҷорӣ мешавад. Миқдори умумии захираҳои обии Осиёи Марказиро ёбед.

41. Дар ҷумҳурӣ 947 дарёи хурду калон мавҷуд мебошад, ки дарозии умумии онҳо 28500 км ва дарозии умумии ҳудуди кишвар 3000 км пст, дарозии умумии дарёҳо ба дарозии умумии ҳудуди кишвар чанд маротиба ё чанд фоиз зиёд аст?

42. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ 65,11 километр мукааб об ҷорӣ мешавад, ки 51,2 километр мукааби он аз ҳисоби пиряхҳо мебошад ва ин чанд фоизи ҳамаи оби хориҷшавандаро ташкил мекунад?

43. Дар ҷумҳурӣ 65,11 километр мукааб об ҷорӣ мешавад, ки аз он танҳо 11,9 километр мукааби он истифода мешавад ва ин чанд маротиба кам ва чанд фоизро ташкил мекунад?

44. Ҳаҷми захираи оби пиряхҳое, ки дар ҳудуди вилояти Суғд воқеъ аст, 460 километр мукаабро ташкил мекунад, ки ин миқдор нисбат захираи оби дарёҳо 13 баробар зиёд аст. Захираи оби дарёҳои дар вилояти Суғд ҷоришударо ёбед.

45. Оби дарёҳои дар кишвар воқеъбуда 52 километр мукаабро ташкил медиҳад, ки аз он зиёди 11 километр мукаабаш барои обёри зироатҳои гуногун ва дигар соҳаҳо истифода мешавад ва ин рақам чанд фоизро ташкил мекунад?

46. Сарфи назар аз захираҳои кофии об дар ҷумҳурӣ, имрӯз тахминан 57 фоизи аҳолӣ манбаъҳои бехатари оби нушокӣ ва 30 фоизи он ба шароити хуби санитарӣ дастрас мебошад ва чанд нафар аҳолии мамлакат бо об таъмин мебошад?

47. Пойгоҳҳои обкашии ноҳияи Зафаробод дар як сония 48 мукааб метр обро ба баландии 170 метр мекашад. Пойгоҳҳои ин ноҳия обкашӣ дар як соат, як шабонарӯз, як моҳ ё як сол чӣ қадар об мекашад?

48. Дар асоси таҳлили олимон аҳолии Осиёи Миёна дар соли 1956 беш аз 20 миллион нафар буд, имрӯз бошад, беш аз 80 миллион нафар ва дар соли 2050 наздик 173 миллион мешудааст. Аҳолии Осиёи Миёна дар ин давр чанд фоиз ё чанд нафар зиёд мешавад?

49. Агар дар оғози солҳои 60-уми асри гузашта минтақаи Осиёи Миёна дар як сол тақрибан 60 километри мукааб обро истеъмол мекард, имрӯз ин шумора ба 110 километри мукааб афзоиш ёфтааст, чанд маротиба ва чанд фоиз афзоиш ёфтааст?

50. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир дастрасии тақрибан 1,2 миллион нафарро ба оби ошомидании босифат ва 600 ҳазор нафарро ба оби ошомидании бехатар таъмин намуд. Ин рақам чанд фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳад?

51. Кӯли Байкал, ки дар ҳудуди Федератсияи Россия воқеъ мебошад, миқдор (ҳаҷм)-и обаш 23000 километр мукааб ва миқдор (ҳаҷм)-и кӯли Сарез ба 17,3 километр мукааб баробар аст. Миқдор (ҳаҷм)-и умумии кӯли Байкал аз миқдор (ҳахм)-и умумии кӯли Сарез чанд маротиба ё чанд фоиз зиёд аст?

Ҳамаи ин далелу рақамҳо ҷаҳонбинии наврасону ҷавононро такон бахшида, барои истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ ҳаматарафа омода менамоянд. Омӯзгорон бо истифодаи маводи дар боло зикршуда ба хонандагон на фақат дониш медиҳанд, балки шавқу рағбати онҳоро ба дарс зиёд намуда, донишу ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятҳои зебопарастӣ ва маданияти сарфаю сариштa истифодабарии обро такмил мебахшанд. Дар баробари ин, мазмуну муҳтавои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дарк намуда, ба қадри об ҳамчун неъмати бебаҳо мерасанд.

**НИЗОМИ НАВ**

*Ситора АВЛАЗИМОВА,*
*омӯзгори муассисаи таҳсилоти*
*миёнаи умумии №15,*
*ноҳияи Шоҳмансур*

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ - ОМИЛИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН



Замони муосир тақозо менамояд, ки раванди таълиму тарбия бо роҳу шеваҳои нави тадрис самаранок ҷараён гирад. Мо, омӯзгорон, бояд аз навовариҳои илму маориф огаҳии комил дошта бошем ва дар дарс аз усулҳои муосири таълим истифода кунем.

Имрӯз дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омадаанд, ки ба замони муосир мутобиқ намудани таҳсилот аз масъалаҳои мубрам мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳалли масъалаҳои илму маориф дар меҳвари таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бахри вусъати ин соҳаи ҳаётан муҳим мунтазам тадбирҳои судманд меандешанд: «Бо назардошти вазъи ҷаҳони имрӯза изҳор медорам, ки мактабу маориф, инчунин, омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошанд, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намод».

Аз ин рӯ, тадриҷан дар соҳаи маорифи кишвар дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омада, усулҳои муассири таълим роҳандозӣ гардид. Дар ин самт корҳои зиёд анҷом дода шуд ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим аз ҷумлаи онҳост.

Масъалаи муҳими дигаре, ки зарурати ворид намудани тағйиротро тақозо менамояд, ба сохтори масъала ва таҳлили амиқи илмию методӣ ҳамҷониба таваҷҷуҳ бояд кард. Бо ворид шудани муносибатҳои нав дар таълим ба татбиқи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар шароити муосир барои ба талаботи замон ҷавобгӯ будани дониши шогирдон аз омӯзгор донишу ҷаҳонбинии васеъ тақозо шуда, истифодаи самараноки технология мувофиқи мақсад аст.

Омӯзгор бояд паҳлуҳои гуногуни маводи таълимӣ ва дараҷаи тайёрии хонандагонро хуб донад ва дар асоси он усули таълимро таҳия намояд, ки он фарогиру доманадор бошад. Дар умум, тамоми саволу супоришҳо ба инобат гирифта шавад ва мавзуъҳои фонетика, лексика, грамматика, имло ва хониши ифоданокро дар бар гирад.

Бояд гуфт, ки дар раванди таҳсил дараҷаи инкишофи забондонии хонандагон зина ба зина ташаккул ёфта, тадриҷан таркиби луғавии онҳо мукаммал мегардад.

Маҳорати суханварии хонандагон ба зиёд аз худ кардани луғатҳо вобаста буда, дар озод суҳбат кардан мусоидат менамояд. Маҳз истифодаи мунтазам ва бошууронаи калимаву ибораҳо, аз ҷониби омӯзгор ҳавасмандгардонии хонандагон шавқу рағбатро дар замири донишомӯзон зиёд мекунад. Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти бадеӣ нутқи хонандагон инкишоф ёфта, онҳоро суханвару сухандон мегардонад. Истифодаи калимаву ибора, зарбулмасалу чистон ва ривоятҳо нутқи шифоҳии хонандагонро такмил дода, омӯзиши назариявӣ ва амалии таълими забонҳо вусъати забондонии мактабиёнро вусъат мебахшад.

Муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгоронро водор мекунад, ки бо истифода аз усулҳои муосири таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарафа ба зиндагӣ омода намоянд. Ҷомеаи имрӯза шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли мушкилоти мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактабу маориф интизор аст. Бинобар ин, маҳорат ва неруи зеҳнии аҳли маорифи кишвар, бахусус, омӯзгорон бояд ба рушди салоҳияти таълимии хонандагон равона гардад.

Бояд қайд намуд, ки салоҳият дар натиҷаи азхудкунии дониш ва татбиқи амалии он ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият равандест, ки дар ҷараёни он дониш, малакаҳои ҳаётан муҳим ташаккул ёфта, роҳҳои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо нишон дода мешавад.

Муносибати босалоҳият ба таълим таваҷҷуҳи хонандаро ба таҳсил, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, робитаи омӯзгору хонанда ва маводи таълимиро муайян мекунад. Донистан ва салоҳияти татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи зарурии азхудкунии малака ва рушди салоҳиятҳои хонандаро таъмин сохта, барои тарбияи шахсияти масъулиятшинос ва бомаърифат заминаи мусоид фароҳам орад.

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии хонандагон маҳорати эҷодии онҳоро бояд вусъат бахшид. Инкишофи тафаккури эҷодӣ дар фаъолияти амалии кӯдак зарур буда, воситаи муҳимми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонанда мегардад. Бинобар ин, омӯзгоронро зарур аст, ки ба шогирдонашон маҳорати мустақилона фикр ва амал намудан, ба вазъият ва ҳалли масъалаҳо муносибати эҷодӣ карданро омӯзонанд, ки он роҳҳои ҳалли муносибат ба таълимро талаб менамояд.

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар раванди дарсҳо ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва фаъолгардонии хонандагон мусоидат менамояд. Омӯзгор кӯшиш намояд, ки фаъолияти эҷодии хонандагонро дар раванди таълим ба назар гирад, чунки бо ин роҳ хонандагон метавонанд ба муваффақиятҳои бештар ноил гарданд. Дар раванди иҷрои саволу супоришҳо хонандагон ба донишҳои назариявӣ такя намуда, мустақилона онро дар амал татбиқ менамоянд. Кори омӯзгор ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки агар усул ва тарзҳое, ки ӯ дар дарс истифода мебарад, таваҷҷуҳи хонандагонро ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ кардан фаъол ва шавқу рағбати онҳоро ба таҳсил барангезад.

Баланд гардидани самаранокии таълим бе истифодаи усулҳои муосири таълим ғайри имкон аст, зеро истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои омӯзгор роҳҳои навро дар омӯзонидани фанни таълимӣ мекушояд. Омӯзиши ҳар як низом бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои андеша ва иштирок намудан дар лаҳзаҳои дарс имконият медиҳад ва дар ташаккули қобилияти хонандагон мусоидат мекунад. Дарсҳои интерактивӣ нисбат ба анъанавӣ, ки бо ёрии мултимедӣ маводи барномаҳоро муаррифӣ менамояд, ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишашонро сайқал ва сатҳи маънавиашонро баланд бардоранд.

Технологияи иттилоотӣ ба омӯзгорон имкониятҳои навро фароҳам меорад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ аз худ кардани маводи таълимиро барои хонандагон осон мегардонад.

Дар робита ба гузариши муассисаҳои таълимӣ ба низоми нави таҳсилот барои кушодани тамоили шахсияти кӯдакон, дар онҳо тарбия намудани шавқу рағбат ба хониш ва донишандӯзӣ, омода намудан барои интихоби касб вазифаи аввалиндараҷаи аҳли маориф ба шумор меравад. Ба омӯзгор вазифаи дар хонандагон ташаккул додани малакаи азхудкунии қисмати муайяни маводи таълимӣ бо ёрии воситаҳои таълимии гуногун: китобҳои дарсӣ, компютер, маводи видеоӣ, маҳорати таъсир расонидан ба супоришоти алгоритмӣ ва ғайра муҳим ба шумор меравад.

Бо истифода аз чунин имкониятҳо мазмуни кори таълим мукаммал гардида, ҳавасмандии хонандагонро ба таълим зиёд мегардонад ва дар маҷмуъ, ба ташаккули муносибати босалоҳияти хонандагон дар таълим замина фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки барои сайқал додани маҳорати касбии худ аз барномаҳои компютерӣ ва технологияи муосири таълим дар раванди тадрис самаранок истифода баранд. Нақши муассири дарсҳо ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим, ташаккули маҳорату малакаи эҷодӣ ва шавқу рағбати хонандагон такони ҷиддӣ мебахшад.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

**Ба хатмкунандагони коллеҷ диплом бо QR-код дода мешавад**

Аз 1-уми март тибқи фармони нави Вазорати маорифи Россия дар дипломҳои таҳсилоти миёнаи касбии ин кишвар кодҳои QR дода мешавад. Ин имкон фароҳам меорад, ки корфармо дар бораи салоҳиятҳои хатмкунанда маълумоти пурра ба даст орад.

Илова бар ин, дар замимаи диплом ҷадвали нав пайдо мешавад, ки дар он маълумот дар бораи фаъолияти таълимӣ ва меҳнатие, ки донишҷӯ дар давоми таҳсил гирифта буд, нишон дода мешавад.

Вазорати маориф бар ин назар аст, ки ин навовариҳо барои дарёфти ҷои кор ба хатмкунандагони коллеҷҳо мусоидат хоҳад кард.

**МЕТОДИКА**

***Сурайё ШЕРДИЛОВА,***
***омӯзгори калони кафедраи иқтисод***
***ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ***

# ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ВА ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР МАШҒУЛИЯТҲО



Мафҳуми технология юнонӣ буда, аз калимаҳои techne – санъат маҳорат, logos – илм гирифта шуда, маъноят илм дар бораи санъат, маҳорат аст.

Дар адабиёти педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» вомехӯранд, ки ба ҳам тавъаманд. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология» ҳамчун санъати тадрис ва таълим маънидод карда мешавад. Дар бисёре аз луғатҳои дузабона низ «технология» -ро ҳамчун маҷмуи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд.

Технологикунонии ҷараёни таълим – ин раванди инкишофест, ки бахри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст.

<u>Умумият ва фарқи технологияи таълим аз методикаи таълим</u>

Технология ин усули пешакӣ банақшагирии натиҷаҳои таълимест, ки онро метавон тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба даст овард.

Технология ва методика баробарҳуқуқанд.

Методика мафҳуми васеъ аст. Вай метавонад чанд технологияро дар бар гирад. Дар ин сурат, аксар вақт методика ба сифати системаи педагогии ягона дида мешавад.

Дар методикаи анъанавии таълим омӯзгор бештар нақши ҳунармандро мебозад ва расонандаи ахбор аз китоб ба шогирд аст. Дар технологияи таълим омӯзгор асосан ба коргардонӣ машғул мегардад. Ӯ намеомӯзонад, балки роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, фаъолияти таълимии хонандагонро ба танзим медарорад.

**ITLM** дар тарҷума аз забони англисӣ маънои таълим ва омӯзиш бо истифодаи усулҳои ҳамфаъол мебошад:

I – (interactive) - ҳамфаъол

T – (Teaching) – омӯзонидан, таълим

L – (learning) – омӯзиш

M – (methods) – роҳ, равиш, тарз, усул.

**АНГЕЗИШИ ЗЕҲН** усули ҷамъ овардани андешаҳо буда, бо мақсади фаъолгардонии хонандагон ба ҷараёни дарс, ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ ва гирдоварии андешаҳо ба роҳ монда мешавад

Инсерт ҳамчун системаи нишонагузорист, ки истифодаи рамзҳои махсус (V, +, _, ?) имконият медиҳад, ки ахбор нишонагузорӣ ва қайд гардад, инчунин, хонанда мавзуи баррасишударо хуб аз худ намуда, барои омӯзиши он талош менамояд. Хонандагон пас аз омӯзиши мавод дар ҳошияи матн аломатгузорӣ менамоянд ва аз рӯйи аломатҳо ақидаҳои хешро мухтасар дар он қайд менамоянд, ки ҷадвали он чунин аст:

| *«V»* ***медонистам*** | *«+»* ***маълумоти бароям нав*** | *«_»* ***акси дониши ман*** | *«?»* ***Савол дорам ё нафаҳмидам*** |
|---|---|---|---|
| Ҳамон вақт гузошта мешавад, ки он чизе, ки шумо мехонед ва он чизе, ки шумо медонед, мувофиқат намояд. | Ҳамон вақт гузошта мешавад, агар он чизе, ки шумо мехонед, барои шумо нав бошад. | Шубҳа, мухолифат, иштибоҳ ҳамон вақт гузошта мешавад, ки маълумоти нав мухолифи таҷрибаи шумост, иштибоҳ ё ғалате дарёфт гардад. | Ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хондаатон нофаҳмост ва ё маълумоти иловагиро талаб мекунад. |

**ДИАГРАММАИ БАРОИ ЧӢ** силсилаи муҳокимаронихо барои муайян кардани асос ва сабаби пайдоиши натиҷа аст. Онро дар мавридҳои ҳалли мушкилот/проблемаҳо, муайян кардани сабаби рух додани ҳодисаю воқеаҳо истифода мешавад.

Мисол: Агар мардум монанди бабре, ки аз хоби дароз гурусна монда мехезад, ба по хезад, дар он вақт ҳоли онҳо аз ҳоли саги дайду ҳам бадтар мешавад. (С. А)

**ДИАГРАММАИ ВЕНН** усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёи гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Мисол: “**Умумият ва фарқияти сифат аз зарф**”

**Диаграммаи Венн**



**Сифат**

Аломат ва хусусияти предметро ифода мекунад. Саволҳо: чӣ хел?, чӣ гуна? Асосан ба вазифаи муайянкунанда меояд.Сифат ва исм тавассути изофат алоқаманд мешавад.

Ҳиссаи нутқ. Ба савол ҷавоб мешавад. Аъзои ҷумла шуда метавонанд. Дараҷа доранд (тар, тарин). Шакли ҷамъ надоранд. Аффиксҳои махсуси калимасоз доранд.

**Зарф**

Аломати матн, тарз, миқдору дараҷа, замону макон, сабабу мақсади воқеъ гардидани амал ва аломати онро ифода мекунад.
Ба саволҳои чӣ тавр?,чӣ тарз? кай?, дар куҷо?, чаро?, то чӣ андоза?, чӣ қадар ҷавоб мешавад. Асосан ба вазифаи ҳол меояд. Бандаки изофӣ қабул намекунад. Бо пешоянду пасоянд намеояд.

**ДИАГРАММАИ ЧӢ ТАВР** силсилаи муҳокимаронҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Мисол:




**КЛАСТЕР** усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзуъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзуъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо бозаёнӣ бо онҳо шинос гарданд. Маънои кластер «хӯша», «шохча» аст. Мисол: “**Ҳаёт ва фаъолияти устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**”




**ММД** усули МДД (ихтисораи «медонам», «донистан мехоҳам», «донистам») – ин усули ҷустуҷӯй-тадқиқот буда, барои фаъолона омӯхтани мавзуи нав ёрӣ мерасонад. Мисол: **“Ҳаёт ва фаъолияти Абуалӣ ибни Сино”**

| **М**<br>**Медонам** | **М**<br>**Мехоҳам донам** | **Д**<br>**Донистам** |
|---|---|---|
| ❖ Шоир<br>❖ Табиб<br>❖ Донишманд олими ҷаҳонӣ<br>❖ Соли 980 таваллуд шудааст.<br>❖ Соли 1037 вафот кардааст. | ❖ Шумораи китобҳои илмии шоирро мехоҳем донем?<br>❖ Дар кадом аср зиндагӣ кардааст?<br>❖ Китоби барои табибон навиштаи олим чӣ ном дорад ва дар кадом аср таълиф шудааст? | ❖ Дар деҳаи Афшанаи вилояти Бухоро таваллуд шудааст.<br>❖ Дар Ҳамадони Эрон вафот кардааст.<br>❖ Дар асрҳои X – XI зиндагӣ кардааст.<br>❖ 300 китоби илмию бадеӣ навиштааст.<br>❖ Китоби “Ал-қонун”-ро барои табибон дар асри XI навиштааст. |

**РӮЗНОМАИ ДУБАХША** ин усулро ҳангоми кор бо луғат, шарҳу тафсири ягон мафҳум, маънидод кардану таҳқиқи мазмуни матн истифода мебаранд. Мисол:

| Иқтибос | Шарҳ |
|---|---|
| Ақрабо-<br>Осорхона-<br><br>Наргис-<br><br>Меҳтар- | хешу табор<br>калимаи тоҷикӣ буда, ҷое, ки чизҳои қадима дар он ҷо нигаҳдорӣ мешаванд, онро музей низ мегӯянд.<br>вожаи арабӣ буда маънояш чашм аст,<br>калонтар |

**БЛИТС-ПУРСИШ** усулест, ки ҷавоби кӯтоҳро талаб менамояд. Ин усул дар такрори мавзуъҳо хизмат мерасонад.

Устод Садриддин Айнӣ намояндаи кадом аср буд?

Соли таваллуди шоир кадом сол аст?

Шеъри “Гули сурх” ба қалами кӣ тааллуқ дорад?

**Т- НАҚША** усулест барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои «ҳа – не», «тарафдор – муқобил», «бартарият – камбудӣ», «+ - », «мусбат – манфӣ»-ро талаб мекунад. Он барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад. Мисол:

Исм он ҳиссаи нутқест, ки:

| | | |
|---|---|---|
| Номи ашёро мефаҳмонад? | Ҳа | Не |
| Ба савол ҷавоб мешавад? | Ҳа | Не |
| Дар ҷумла ба вазифаи мубтадову хабар меоянд? | Ҳа | Не |
| Ба вазифаи муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол чи? | | |
| Шахсу шумора дорад ё не? | | |
| Ба гурӯҳҳо тақсим мешавад ё не? | | |
| Дараҷа дорад ё не? | | |
| Дар нохунак гирифта мешавад ё не? | | |
| Тасриф мешавад ё не? | | |
| Пешванду пасванди хосса дорад ё не? | | |
| Мураккаб мешаванд ё не | | |
| Таркибӣ чӣ? | | |
| Ҷамъбандӣ доранд ё не? | | |

**САВОЛҲО БА МУАЛЛИФ**

Хонанда ҳангоми хониш ҷойҳои душвори матнро қайд мекунад: калимаҳо, иборахо, ифодаҳои нофаҳмо...

**Истифода дар дарс:** Омӯзиш/хониши параграфи мавзуи нав қисм ба қисм, саҳифа ба саҳифа меравад. Масалан, супориш метавонад чунин бошад: саҳифаи аввал хонда, ҷойҳои нофаҳмояш хат кашида шаванд.

Барои он ки хонанда барои шарҳдиҳӣ водор карда шавад, дар тахта чунин саволҳо навишта мешаванд:

- Муаллиф дар матн дар бораи чӣ сухан меронад?
- Ягон нафар инро боз ҳам фаҳмотар баён карда метавонад?
- Барои чӣ муаллиф акнун дар ин бора маълумот медиҳад?
- Чиро пешакӣ донистан лозим аст, то ки чизи хондаамонро фаҳмем?
- Касе мисол оварда метавонад, ки ин ба ман фаҳмотар шавад?

**Кори дунафарӣ ё рӯ ба рӯ:** Хонанда калима/ҷумлаеро мехонад, ки дар фаҳмиш боиси мушкилӣ гардидааст ва саволи худро медиҳад. Ҳар хонанда метавонад шарҳи худро пешниҳод кунад. Дигарон метавонанд ҷавобро пурра кунанд ё варианти худро пешниҳод намоянд.

**Имкон дорад, ки ба сифати вазифаи хонагӣ чунин супориш дода шавад:** Тартиб додани “Саволҳо ба муаллиф”, то ки дарси оянда аз масъалаи ҳолиб – муҳокимаи саволҳо ва ҷустуҷӯйи ҷавобҳо оғоз карда шавад.

МАНФИАТ: Вақте ки хонандагон дар фаҳмиши мазмуни матн ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд, фаъол нестанд, наметавонанд мавзуъро баррасӣ кунанд. Дар чунин маврид истифода аз ин метод яке аз роҳҳои ҳалли ин проблема аст.

Маҳорати хониши бомулоҳиза ва қобилияти худомӯзиро ривоҷ медиҳад.

Маҳорати саволдиҳиро ташаккул медиҳад.

Муҳокима дар дарс ҳамаи хонандагонро ба мавзуъ ҷалб мекунад, имконият медиҳад, ки паҳлуҳои нофаҳмои мавзуъ равшан шаванд.

Харитаи андешаҳо – усули пешниҳод ва алоқаманд гардонидани фикрҳост.

Сохтани чунин харита имкон медиҳад, ки андешаҳо аз рӯйи муҳим буданашон ба як тартиби муайян, аз ҳисоби шохаҳо ба як сохтор дароварда шавад. Андешаҳо ба воситаи рамзҳо, ранг, ҳаҷми ҳуруф ва ғайра ишора мегарданд. Алоқаи байни онҳо нишон дода мешавад.

*Шаршара* усулест барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо мафҳумҳо, истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан айни муддаост.

*1.* Як, ду ва ё се мафҳумро, (мавзуъ, масъала) интихоб намоед.

*2.* Мавзуъ, масъала ва ё мафҳумро дар тарафи чапи лавҳи синф нависед.

*3.* Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзуъро бо ду- се қисмати асосӣ ҷудо кунанд.

*4.* Қисматҳои асосиро пас аз мавзуъ масъала ё мафҳуми овардашударо қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.

*5.* Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо дефис алоқаманд намоед.

*6.* Нақша шакли шаршараро мегирад.

*Шарҳи категориявӣ* усулест, ки барои муттаҳид кардани калимаҳо, мафҳумҳо дар асоси аломату хусусиятҳои муайян истифода мешавад. Онро ҳангоми ҷамъбасти ангезиши зеҳн, гурӯҳбандии калима, мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан мумкин аст.

1. Доир ба масъала ва мақсад «Ангезиши зеҳн» гузаронида, андешаҳоро қайд намоед.

2. Дар муқобили андешаҳо якчандто (3-4) категорияҳоро нависед (категорияҳоро аз хонандагон пурсед).

3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикру мулоҳизаҳоро ба категорияҳо ҷудо карда, дар гурӯҳҳо муттаҳид созанд (бо дефис ишора намоянд).

*МИЗИ МУДДАВАР* (шифоҳӣ ва хаттӣ) – усули таълими муштарак буда, сохтори он барои ҷамъоварии маълумот бо воситаи ангезиши зеҳн ва гурӯҳбандӣ кардани ҷавобҳо ба як ё ҷамъи саволҳо мебошад.

**Чиро ривоҷ медиҳад?**

Малакаҳои иҷтимоӣ (муошират)

Малакаҳои таҳлилӣ – ҷамъбастӣ (малакаҳои ҷудо кардани ақидаҳои аввалиндараҷа, муайян кардани алоқаи байни онҳо ва қобилияти хулосабарорӣ)

Қобилияти ташаккул додани саволҳои мушкил

Малакаҳои сафарбаркунии донишҳо ва истифодаи онҳо дар вазъиятҳои гуногунро чӣ гуна амалӣ кардан мумкин аст?

1. Муаллим савол медиҳад.
2. Ба ҳар як гурӯҳ як қалам ва як варақ коғаз тақсим карда мешавад.
3. Хонандаи якум ба саволи як ҷавоб менависад.
4. Хонандаи якум пас аз навиштани ҷавоби худ варақро ба ҳамгурӯҳе, ки дар тарафи дасти чап нишастааст, дароз мекунад. Ӯ низ ҷавоби худро дар варақ менависад ва ба дигар хонанда медиҳад.
5. Кор дар давра идома меёбад, яъне, аъзои гурӯҳ бо навбат посухҳояшонро дар варақ менависанд. Ин кор то ба охир расидани вақти ба гурӯҳ ҷудошуда идома меёбад.

*Мусоҳибаи сезинагӣ*

Мусоҳибаи сезинагӣ – усули таълими муштарак буда, онро дар оғози машғулият ва ё омӯзиш ба воситаи тақсим кардани вазифаҳо дар байни хонандагон бо мақсади бо масъала ва ё супориши пешниҳодшуда амиқтар ошно шудан ва ё ҳамчун яхшиканӣ барои бо ҳам аз наздик шинос шудани аъзои гурӯҳ истифода кардан мумкин аст.

Чӣ гуна амалӣ кардан мумкин аст?

Зинаи 1. Вазифаҳо дар байни хонандагон тақсим карда мешаванд ва ё худи хонандагон нақшҳоро интихоб мекунанд.

Зинаи 2. Хонандаи А ба хонандаи Б дар муддати якчанд дақиқа мусоҳиба мекунад. Дар раванди суҳбат хонандаи А ба хонандаи Б бодиққат гӯш дода, саволҳои муайянкунанда медиҳад.

Зинаи 3. Аз рӯйи ишораи муаллим, хонандагон нақшҳояшонро иваз мекунанд. Ин навбат хонандаи Б ба хонандаи А мусоҳиба мекунад.

Зинаи 4. Пас аз як ишораи дигар, ҳар як ҷуфт рӯяшонро ба ҷуфти дигар гардонида, гурӯҳи чорнафариро ташкил мекунанд.

Зинаи 5. Ҳар як аъзои гурӯҳ ҷуфти худро муаррифӣ намуда, лаҳзаҳои шавқоварро қайд мекунад.

Мо, омӯзгоронро мебояд дар раванди дарсҳо аз усулҳои фаъоли таълим истифода намоем, то ки шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиш бештар намоем. Усулҳои омӯзиши фаъол ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин, хонанда ва омӯзгорро талаб мекунад. Усулҳои таълим ва омӯзиши фаъол аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии модели фаъоли таълим имконияти муҳокимаронии ҳо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, вазъхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи хонанда, шумораи зиёди фаъолияти гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷрои корҳои хаттӣ мебошад. Муаллим бояд дар давоми як дарс дар ҳолатҳои мувофиқ ҳам аз усулҳои фаъол ва ҳам анъанавӣ истифода бурда тавонад. Таълим бояд дар асоси таълими омехта роҳандозӣ шавад.

**МАЪНАВИЁТ**

***Н. РОФИЕВА,***
***сармуаллимаи кафедраи таърихи умумии***
***Донишгоҳи давлатии Хуҷанд***
***ба номи академик Бобоҷон Ғафуров***

# ТАРБИЯИ МАЪРИФАТӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

***Мардуми мо дар тӯли таърих ҳамчун миллати қадимаи фарҳангӣ, соҳибкитоб ва соҳибтамаддун шинохта шудааст. Дар аксари сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки тоҷикон ҳамеша мақоми табақаи донишманд, идоракунандагони девону дафтар, устодони илмӣ ва мураббиёни маънавиро гиромӣ доштаанд.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***



Дар китоби “Авасто” омадааст, ки ҳар инсон, хоҳ мард бошад ё зан, ҷавон бошад ё пир, бояд баҳри ташаккул ва нумӯи донишу маънавиёти хеш бикӯшад, зеро шахси орӣ аз хираду илм ҳамсони нобиност ва маҳз инсоне, ки бинонии илмӣ дорад, метавонад дар ҷодаи ҳаёт раҳгум назанад ва ба манзили мурод бирасад. Ҳадафи омӯзиши фарзандон ба камол расондани насли руҳану ҷисман солим мебошад. Дар ин ҷода тарбияи маърифатии инсон яке аз омилҳои муҳимтарини ташаккули шахсият ба шумор меравад. Миллати тоҷик дар тӯли асрҳо ба аҳли башар садҳо фарзандони фарзонаро тақдим намудааст, ки онҳо дар фарҳангу маънавиёт нақши барҷаста доранд.

Маърифату дониш дар таърихи инсоният мақоми шоиста дорад ва дар пешрафти ҷомеа нақши муҳим мебозад. Дар ин радиф мактаби олӣ дар роҳи рушду нумӯи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зеҳнию ақлонии ҳар як миллати мутамаддин ва худогоҳ мавқеъ ва манзалати хосса дорад. Онро метавон қуллаи баландтарин ва авҷи аълои пешрафти маънавӣ ва дастоварди пурарзиши инсоният номид.

Агар тарбия таъсиррасонии мақсаднок ва муташаккилона ба инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ҷаҳонбинӣ, симои маънавӣ, идеалу завқи зебоипарастии шахсият, бо маҳорату малакаҳо мусаллаҳ гардонидан ва ба ҳаёту меҳнат тайёр кардани онҳо бошад, тарбияи маърифатӣ яке аз самтҳои муҳимми он ба шумор меравад. Маърифатнокӣ аз дониш ба вуҷуд меояд. Маърифат аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънояш шинохтан, донистан мебошад. Маърифат ҷараёни дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис аст. Манбаъ ва меъёри дурустии натиҷаҳои маърифат амалия мебошад. Маърифат омили асосии рушду тараққиёти ҷомеа

мебошад ва он бо тарбияи маънавӣ ҳамбаста аст. Фарқи асосӣ он аст, ки дар тарбияи маънавӣ ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад.

Мардуми тоҷик маънии ҳаёт, рӯзгор ва одобро аз ду сарчашма омӯхта метавонанд:

1) панди калонсолон, ҷавонон, падарон ба фарзандон, муаллимон ба толибилмон, устодон ба шогирдон;

2) сабақи зиндагӣ, ки аз ҳаёт гирифта мешавад.

Панду насиҳат аз замонҳои қадим дар ҷамъияти инсонӣ баҳри дуруст ва боақлу солим тарбия кардани насли наврас вуҷуд дорад.

Носири Хусрав фармудааст:

*Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,*
*Ки дар охир ба ширинӣ расад кор.*

Шахсе, ки аз ин сарчашмаи бебаҳо баҳра мегирад, дар зиндагӣ саодатманд хоҳад шуд.

Сарчашмаи дигари муҳимми маърифат китоб мебошад. Мардуми тоҷик аз қадим ба китоб, ки манбаи донишу хирад аст, эътиқод дошт ва аз он мадад меҷуст. Китоб қувваи мағлубнопазир дорад, ки дар ҳамаи давру замонҳо азизу пурқимат боқӣ хоҳад монд. Беҳуда нест, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба китобу китобхонӣ, беҳтар кардани сатҳи донишандӯзии толибилмон равона шудааст.

Асоси тарбияи маърифатӣ аз осори адабии гаронбаҳои гузаштагонамон сарчашма мегирад. Истифодаи дурусти бамавқеи осори адибони гузашта метавонад дар хонандагон шавқу рағбатро нисбат ба китобхонӣ бештар намояд. Инак аз осори ниёгон чанд мисоле меорем, ки метавонанд дар соатҳои тарбиявӣ омӯзгорон истифода намоянд.

«Марде пеш аз вафот ба китоб рӯй оварда гуфт: Ман бихоҳам рафт, ту пас аз ман чӣ хоҳӣ кард? Гуфт: Ман бо ту бошам, агар дар гӯр шавӣ мунисӣ ту гардам, чун қиёмат шавад, дастгири ту шавам ва ҳаргиз туро наспорам”.

Имом Ғазолӣ фармудааст: «Аввалан бад-он чӣ мегӯӣ, амал намо ва сипас, бо амалат мардумро андарз деҳ. Насиҳат кардан осон аст ва мушкил қабули он аст». Бинобар ин, омӯзгор бояд худ намуна бошад, то ки суханаш мақбули шогирдон гардад.

Аз таҷрибаи корӣ ба хулосае омадам, ки агар дар соатҳои тарбиявӣ омӯзгорон бештар аз осори ниёгонамон панду ҳикматҳоро ба хонандагон пешниҳод кунанд ва онҳоро шарҳи тавзеҳ *бахшанд,* самаровар хоҳад буд.

Тамаддуни дунё тавассути меҳнату заҳмат ва фидокориҳои фарзандони фарзонаи миллату халқиятҳо рушду такомул ёфтааст. Мо низ бояд наслеро тарбия намоем, ки дар баробари ҳифзи арзишҳои миллӣ арзишҳои ҷаҳониро дар худ таҷассум бикунад.

Дар “Футувватномаи Султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ омадааст: “Агар пурсанд, ки аркони тариқат чанд аст. Бигӯ: аввал омӯхтани илм он чи бар ӯ фарз бошад, дуюм илмро ба амал расонидан, ки илми бе амал дарахтест бе мева ва чароғи бе равған...”

“Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ганҷи пурбаҳо дар хазинаи афкору андешаҳои ахлоқии мардуми форсизабон мебошад. Ҳикоятҳои кӯтоҳе, ки нависанда барои тақвияти андешаҳои тарбиявию ахлоқии худ овардааст, аксаран воқеиву ҳаётӣ ва шавқоваранд, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои тарбиявӣ манфиатбор хоҳад буд.

Унсурулмаолии Кайковус ба омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар диққати зиёд дода, ба фарзандаш панд медод, ки аз хурдӣ на ба ҷамъ кардани молу сарват, балки ба омӯзиши илму дониш машғул шавад.

Анӯшервони Одил фармудааст: “Агар хоҳӣ, ки накутарину писандидатарини мардумон бошӣ, он чи ба худ написандӣ, ба кас names.”

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар “Ахлоқи муҳсинӣ” овардааст, ки адаб муҳофизи нафс аст. Беҳтарин сармоя ва хуштарин перояи мурод одамро таҳсили адаб аст.

Дар панду андарзҳои мутафаккирони тоҷику форс мафҳумҳои ахлоқӣ, аз қабили некӣ-бадӣ, хубӣ-зиштӣ, ростӣ-дурӯғ, адл-зулм, илм-ҷаҳл, шуҷоат-тарс, садоқат-хиёнат ва ғайра муқобили ҳам гузошта мешавад ва бо ин восита хонанда зуд хислатҳои неку бадро дарку маърифат мекунад. Инсон ҳар қадаре, ки дар таълиму тарбия мукаммал гардад, ҳамон андоза фурӯтан мешавад.

Моҳияти илмомузӣ ва соҳибмаърифатиро Абуали ибни Сино хуб дарёфтааст: “Агар хурд бошӣ, бузург ва номдор гардӣ, агар муфлис бошӣ, тавонгар гардӣ ва агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ”.

Воқеан ҳам, асарҳои ниёгонамон дар тарбияи ахлоқиву маърифатии ҷавонон мусоидат намуда, хислатҳои неки инсониро дар сиришти онҳо тарбият мекунад. Тавассути тарбияи маърифатӣ инсон сифатҳои маънавии худро сайқал дода, ба қадри забони модарӣ, адабиёт, таърих, анъана ва расму оинҳо мерасад. Дар баробари ин, ба ташаккули маърифати сиёсии ҷавонон низ аҳамияти бештар диҳем, онҳо бояд ба ҳар як падидаву ҳаводисе, ки дар ҷаҳон ба вуқӯъ мепайвандад, баҳои воқеӣ дода тавонанд. Дар замони муосир бе маърифати баланди сиёсӣ ба рушди бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд расидан ғайри имкон аст.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

**Омӯзгори тоҷик дар Фаронса сазовори ҷойи аввал гардид**

Омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №124-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Муродулло Носиров дар даври дуюми олимпиадаи байналмилалии Фаронса сазовори ҷойи аввал гардид. Олимпиадаи мазкур 18 феврал дар Донишгоҳи байналмилалии Марсели Фаронса аз фанҳои математика, физика ва химия бо иштироки 112 нафар омӯзгори беҳтарини Россия, Фаронса, Полша, Ветнам, Юнон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо баргузор шуд.

Ёдовар мешавем, ки Муродулло Носиров дар Олимпиадаи байналмилалии АвруОсиё, ки моҳи январи соли 2023 тариқи маҷозӣ (онлайн) аз фанҳои физика, математика ва химия доир гардида буд, сазовори ҷойи сеюм, диплом ва мукофоти пулӣ гардида буд. Дар он 1328 нафар омӯзгорони Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Туркия, Русия, Қазоқистон ва Афғонистон иштирок доштанд.



## МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

*Муродбек НЕЪМАТУЛЛОЕВ,*
*директори Гимназияи №1 барои*
*хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе*

# КОР БО ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ ТАКМИЛ МЕХОҲАД



Дар кишварҳои пешрафта ба рушди неруи зеҳнии инсон ҳамчун захираи стратегӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Шурои Аврупо ҳанӯз соли 1994 қарори махсусеро дар самти кор бо кӯдакони болаёқат ба тасвиб расонид, ки дар он гуфта мешавад: “Ҳеҷ кишвар наметавонад ба худ иҷозат диҳад, ки истеъдодҳоро нобуд созад. Муайян ва амалӣ накардани усулҳои муосири дарёфти неруи зеҳниро метавон маҳвсозии захираҳои инсонӣ ном бурд... Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди таҳсил фароҳам овард, то онҳо тавонанд имкониятҳои худро ба нафъи хеш ва тамоми ҷамъият истифода баранд”.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии наврасону ҷавонони лаёқатманд пайваста тадбирҳои судманд меандешанд.

Бо вуҷуди корҳои анҷомёфта, масъалаи интихоб ва татбиқи роҳҳои дурусти ташхис, дастгирӣ ва рушди лаёқатмандӣ ҳамкории намояндагони тахассусҳои гуногун – педагогҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорон, кормандони соҳаҳои фарҳангу варзиш ва дигаронро тақозо менамояд. Дар сурати нодуруст ба роҳ мондани кор бо хонандагони болаёқат истеъдоди онҳо маҳв мегардад.

Дар раванди фаъолият мушоҳида мешавад, ки мушкилоти педагогиву психологӣ вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, шумораи бисёри равишҳои мутақобили назариявӣ ва усулҳои муайянсозии он, бисёрҷабҳагии таҳсилоти муосир, инчунин, шумораи бениҳоят ками мутахассисони махсус барои кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои таълимӣ ҷой доранд.

Пас муносибат бо хонандагони болаёқат чӣ гуна бояд сурат бигирад? Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки хонанда болаёқат ҳаст ё не? Хонандагони болаёқат дар кадом шароит рушд меёбанд? Атрофи ин мавзуъ аз таҷрибаи кор бо хонандагони гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе хулосаҳои равоншинос, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорони фанниро пешниҳод менамоем.

**Ташкили муҳити муносиб.** Барои ҳалли ин мушкил дар назария ва таҷриба ду усулро истифода мебаранд. Мувофиқи нуктаи назари аввал, барои таълими хонандагони болаёқат таъсиси гурӯҳ (синф)-ҳои махсус ё муассисаҳои махсуси таълимӣ зарур мебошад. Дар ин синфҳо ё муассисаҳо фаъолияти таълимӣ ва тарбиявиро педагог ва психологҳои ҳирфаӣ бояд пеш баранд. Айни замон фаъолияти муассисаҳои типи нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамин нуктаи назар асос ёфтааст. Барномаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат алоҳида набуда, дар муассисаҳои типи нав – литсею гимназияҳо маҳфилу дарсҳои иловагӣ вобаста ба равияи муассиса таъсис меёбанд, аммо фардикунонии раванди таълим тақрибан ғайри мумкин аст. Яке аз хусусиятҳои инкишофи кӯдакони лаёқатманд ин аст, ки онҳо дар муқоиса бо хонандагони дигар мутафовит будани худро дарк мекунанд. Дар натиҷа, баъзеи онҳо эҳсос мекунанд, ки нисбат ба дигар ҳамсолон ба баъзе корҳо ҳуқуқи бештар доранд. Чунон ки маълум аст, одам ҳар қадар имкониятҳои зиёд дошта бошад, бояд бештар нисбат ба фаъолияташ масъулиятшинос бошад. Аз ин бармеояд, ки таълим бояд ба рушди истеъдоди фитрии кӯдакон нигаронида шуда, ҳатман ба пешрафти шуури маънавию ахлоқии онҳо, ҳисси масъулият барои худ ва дигарон, таҳаммулпазирӣ ва ғайраро низ дар бар гирад.

Мувофиқи нуқтаи назари дуюм, кӯдакони болаёқат бояд ҳамроҳ бо дигар ҳамсолони худ, аммо аз рӯйи барномаи махсуси таълимӣ дарс хонанд. Дар мактабҳои муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат таҳсил мекунанд. Дар дилхоҳ муассиса хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқмананд ва ба таваҷҷуҳи бештар ниёз доранд.

Ҳар ду шароити болозикр ҷиҳатҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбат доранд. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаҳои таълими хонандагони болаёқатро набояд ҳамчун масоили ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дод, зеро табиатан ҳамаи кӯдакон дар аввал эҷодкоранд. Агар лаёқатҳои кӯдакон рушд наёбад, ба ин ҳамаи калонсолон (яъне, ҷамъият) гунаҳкоранд, зеро онҳо ё барои рушди истеъдоди табиии кӯдакон шароит фароҳам наовардаанд ё лаёқатҳои онҳоро тавассути истифодаи усулҳои шахшудаи таълим маҳв сохтаанд. Ба ҳамин хотир, дар ҳамаи типи муассисаҳои таълимӣ бояд муҳити рушди эҷодӣ ба вуҷуд оварда шавад.

**Муайянсозии лаёқатмандӣ**. Чи дар муассисаҳои ҳамагонӣ ва чи дар муассисаҳои таълимии махсус бояд шароити мувофиқ барои рушди хонандагони болаёқат таъмин карда шавад. Яке аз унсурҳои муҳимми кор бо кӯдакони лаёқатманд дарёфти истеъдоди онҳо тавассути истифодаи усулҳои психологӣ, дидактикӣ ва психологӣ-дидактикӣ дар раванди дарс ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки одатан ташхиси лаёқатмандӣ вазифаи аввалиндараҷаи равоншинос, ҳамбастагии омӯзгорону волидайн мебошад. Аммо саволе ба миён меояд, ки агар омӯзгор истеъдоди кӯдакро ташхис карда натавонад, ба рушди он замина фароҳам меорад? Саволи мазкур риторикӣ буда, роҳи ҳалли он маълум аст: омӯзгор бояд дар раванди ташхис ва дарёфти хонанда фаъол бошад ва бо суҳбату машғулиятҳои муассир муайян карда тавонад.

Лаёқати ниҳонӣ масъалаест, ки камтар омӯхта шудааст. Барои дарки чунин лаёқатмандӣ шароит фаъолияти махсусро тақозо мекунад. Вақте сухан дар мавриди лаёқатмандии ошкор меравад, бо истеъдод ҳамчун падидаи на танҳо психологӣ, балки иҷтимоӣ низ нигоҳ мекунем, зеро лаёқатро муҳити иҷтимоӣ ба кӯдак фароҳам меорад. Вақте сухан дар бораи лаёқатмандии ниҳонӣ меравад, он бештар ҳамчун як падидаи табиии равонӣ фаҳмида мешавад.

**Мушкили китобҳои дарсӣ ва барномаҳо.** Дар таҷриба як мушкили дигар низ ҷо дорад. Талаботи муассисаҳои таълимӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо дархостҳои инфиродӣ ва манфиатҳои кӯдакони болаёқат ба эътибор гирифта нашудааст. Дар барномаҳои

таълимӣ айни замон роҳу воситаҳои алтернативии рушди хонандаи лаёқатманд берун аз барномаи таълимии умумӣ дарҷ нагардидааст. Дар ҳоле ки навоварӣ дар маорифи миллӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият ва талаботи маърифативу созандагии хонандагон равона гардидааст. Рушди маҳоратҳои таҳқиқотӣ ва эҷодии хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таълим дар шароити ҳозира вазифаи асосии аҳли маориф мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, банақшагирӣ ва сохтани муҳити мусоид барои рушд муҳимтарин бахши фаъолияти муассисаи таълимӣ маҳсуб меёбад.

Барномаи таълимии тағйирёбанда ва мактаб дар стандартҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки муҳтавои таълим ба хусусиятҳои кӯдакону наврасон мутобиқ карда шавад, аммо имкониятҳои мазкур кофӣ нестанд. Ба ҳамин хотир, дар такя ба принсипи ягонагии самтҳои муҳтаво ва раванди таълим, дар тамаркуз ба воқеияти мавҷудаи педагогӣ, аксар муассисаҳои таълимӣ роҳи кор бо кӯдакони болаёқатро вобаста ба барномаҳои таълимӣ интихоб мекунанд. Дар ин барномаҳо талаботи асосӣ ба муҳтаво ва ташкили фаъолияти таълимии хонандагони болаёқат таҷассум меёбанд: таваҷҷуҳ ба рушди маърифатӣ, ба бартарии имкониятҳои рушддиҳанда нисбат ба ҳаҷми маълумот дар маводи таълимӣ, ба тамаркуз рӯи таҷриба зимни фаъолияти таълимиву маърифатӣ, ба васеъ намудани доираи манфиатҳои хонандагон, ба шаклгирии малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ба актуализатсияи имкониятҳои пешсафӣ ва ғайра.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

**Россия аз рӯи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар қатори панҷ кишвари пешсафи ҷаҳон дохил шуд**

Россия аз рӯи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ба панҷ кишвари беҳтарини ҷаҳон ворид шуд, соли оянда квотаи он ба 30 ҳазор нафар расонида мешавад.

Соли таҳсили 2022-2023 Россия барои донишҷӯёни хориҷӣ 23 ҳазор квотаи давлатӣ ҷудо кардааст, ки аз ҳама зиёд шаҳрвандони Беларус, Ветнам, Чин, Сурия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Украина, Муғулистон, Қазоқистон ва Қирғизистон мебошанд.

**МАОРИФ ВА ЗАМОН**

***Меҳрангези ЗУҲУРЗОД,***
***муовини директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №175, ноҳияи Рӯдакӣ***

# МАХСУСИЯТҲОИ ДАРСИ МУОСИР



Имрӯз дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф баланд бардоштани муносибат ба таълиму тарбия ҷараён дорад. Агар дар шароити таълими анъанавӣ ва раванди ташкили дарс омӯзгор фаъолу хонанда ғайри фаъол буд, талаботи имрӯза хонандамеҳвар, яъне, фаъолнокии хонандаро тақозо мекунад.

Чунин тарзи муносибат ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат намуда, омӯзгорро водор месозад, ки роҳу усулҳоеро ҷустуҷӯ намояд, ки дар хонандагон арзишҳои баланди иҷтимоиро, ба монанди инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ, серталабӣ ба дониш, мустақилона азхудкунии донишҳо, қобилияти донистани забонҳои хориҷӣ ташаккул диҳад.

Аз ин рӯ, таълиму тарбия ба ташкили дурусти ҷараёни таълим вобаста буда, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба шумор меравад. Пешрафту инкишофи бештари Тоҷикистон ба рушди маориф ва вусъати ҷараёни таълиму тарбия алоқаманд аст ва аз омӯзгорони соҳибмаърифат тақозо мешавад, ки донишу ҷаҳонбинии хонандагонро баланд бардошта, дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намоянд.

Дар замони муосир илму техника ба таври чашмрас рушд кардааст ва ҳамарӯза шоҳиди кашфиёт мегардем, ки барои расидан ба дастовардҳои илмӣ аз ташкили дурусти ҷараёни таълим иртиботманд мебошад.

Самаранокии раванди тадрис, баланд бардоштани савияи дониши хонандагон омилҳои гуногун дорад, аз ҷумла, таъмини мактабҳо бо китобу маводи дарсӣ, воситаҳои аёнӣ, техникаи муосири таълимӣ, таҳияи нақшаву барномаҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи рӯз, таъмин бо кадрҳои баландихтисос, муносибати босалоҳияти омӯзгорон ба ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад.

Дар раванди ислоҳоти маориф дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълим ва босамар гузаронидани дарс омили муҳим ба шумор рафта, баҳри беҳтар гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат мекунад.

Ҳар як дарс аз дарку фаҳмиш ва муайян намудани мақсаду вазифаҳо, ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва тарбиявӣ бояд оғоз гардад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки усули

самараноки дарсро муайян ва интихоб намуда, чӣ гуна ва бо кадом восита амалӣ намудани онро ҳаматарафа мушаххас намояд.

Дарс аз марҳилаи таҳиясозиву омодагии он оғоз меёбад, синфхона бояд бо таҳҷизоти зарурӣ, воситаҳои аёниву техникӣ ва маводи дидактивӣ муҷаҳҳаз бошад. Талабот ба дарси муосир гуногун буда, аз риоя ва амалӣ намудани вазифаву принсипҳои зерин иборат аст:

**1. Талабот ба сохтори дарс**. Дар сохтори дарс бояд мавзуъҳои дарсӣ дуруст муайян карда шаванд, аз рӯйи моҳият, мазмун бояд ба мавзуъҳои алоҳида тақсим намуда, мақсади мушаххаси омӯзиш муайян гардида, барои ноил шудан ба мақсад воситаҳои зарурӣ ба нақша гирифта шаванд.

Ҷараёни мазкур дар он ҳолат амалӣ мегардад, ки агар омӯзгор мавзуъҳоро вобаста ба дарк ва ё мушкилфаҳм будани маводи таълимӣ дар асоси барнома дуруст ва баробар тақсим намояд.

Навъи дарсро муайян намуда, сохтори он бояд саҳеҳ ва асоснок андешида шавад, қисматҳои дарс бояд бо ҳамдигар алоқаманд бошанд, мавзуъ ба гузашта, имрӯза ва оянда алоқаманд карда шавад. Усулҳои муосири омӯзиш дуруст интихоб ва татбиқ карда шавад. Такрор ва мустаҳкам намудани мавзуъҳои дарсӣ бо ҳам алоқаманд ба роҳ монда шаванд.

**2. Талабот ба омодагии ташкили дарс.** Барои ҳар як дарс маводи таълимиро дуруст интихоб намуда, ҳамчун мураккабии онро доир ба қобилияти азхуднамоии хонандагон муайян карда, намудҳои гуногуни фаъолиятро дар раванди тадрис бояд пешбинӣ намуд. Барои ҳар як дарс маводи муайяни аёнӣ, дидактивӣ ва воситаҳои техникии таълимиро сари вақт бояд омода намуд. Чунин фазоеро бояд ба вуҷуд овард, ки хонандагон қисме аз маводро бо роҳбарии омӯзгор қобилияти мустақилона азхуднамуданро пайдо намоянд. Ҷараёни омӯзиши мавзуъҳо бояд бо дарназардошти алоқаи мавзуӣ ва фаннӣ сурат гирад.

Банақшагирӣ, интихоби усули таълим, намуд ва ташкили дарс, саволгузорӣ ва додани супоришҳо, истифодаи воситаҳои аёнӣ ва маводи таълимӣ тарзе пешниҳод шаванд, ки мазмун ва таркиби он барои аз худ намудани дониш, малака ва ташаккули салоҳияти хонандагон равона гарданд.

**3. Талабот ба гузаронидани дарс.** Дарс бояд таваҷҷуҳро ба омӯзиш ҷалб намояд, талаботро барои андӯхтани дониш бештар кунад. Равиши дарс бояд дастрасу замонавию муассир аз усулҳои гуногуни таълимӣ сурат гирад, амалу ҳаракати омӯзгор ва хонанда вобаста ба масъалаи мавриди омӯзиш ҷолиб бошад. Омӯзгор бояд ҷараёни дарсро идора намуда, зина ба зина онро такмил диҳад. Кӯшиш намояд, ки дар раванди омӯзиш хонандагон фаъол бошанд ва дарс бояд характери тарбиявӣ гирад, яъне, маводи дарсиро барои тарбияи хонандагон бамавқеъ истифода кард.

Раванди таълиму тарбия чаҳор вазифаи асосӣ - маълумотдиҳӣ, азхуднамоӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявиро иҷро менамояд.

Дар ҷараёни дарс бояд хислатҳои худогоҳиву хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ, муҳаббат ба Ватан, дарки масъулият, уҳдадориву ҷавобгарӣ, устуворӣ, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, покизакорӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, муносибати боэҳтиром, гиромидошти мероси таърихӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ дар хонандагон тарбия карда шаванд.

Риоя ва иҷро намудани талаботи муҳимми педагогӣ ба андешаи инҷониб, боиси беҳтару хубтар гардидани раванди таълиму тарбия, баланд гардидани сатҳу сифати таълим гардида, аз омӯзгорон масъулиятмандиро тақозо менамояд.

Омӯзгор дар мавриди татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нақши муҳимро мебозад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлоли фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию маърифати ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи донишу ҷаҳонбинии толибилмон васеъ ва онҳо ҳамқадами замон гарданд.

**ПЕШРАФТ**

***Насиба ЁДАЛИЕВА,***
***омӯзгори технологияи иттилоотии***
***МТМУ№26-и ноҳияи Рошткалъа,***
***Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН



Ҳаёт ва фаъолияти омӯзгор омӯзандаву судманд мебошад. Ӯ ҳамеша дар пайи мутолиаву дарёфти роҳҳои самараноки таълиму тарбия мебошад. Бузурге фармудааст, ки муаллими ҳақиқӣ ташаккулдиҳандаи тинату сирати инсонҳост. Аз ин рӯ, ӯро дар ҳама давру замон эҳтирому қадрдонӣ менамоянд. Муаллим чун шахсияти воло чароғи маърифатро дар замири ҳар як хонанда фурӯзон менамояд ва ӯро ба фардои дурахшон ҳидоят менамояд. Омӯзгор на танҳо таълимдиҳанда, балки эҷодкорест, ки ба василаҳои гуногун шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзишу мутолиа ҷалб мекунад.

Ман ҳамчун омӯзгор дар раванди фаъолият кӯшиш менамоям, ки донишу ҷаҳонбинии шогирдонро такмил бахшида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода кунам.

Мо, омӯзгоронро, зарур аст, ки барои ба даст овардани самараи дилхоҳ ҳангоми фаъолият нафақат аз методҳои гуногуни ба замони муосир мувофиқ истифода кунем, балки усулҳои гуногуни ташкил кардани корҳои берунаазсинфӣ ва берунамактабиро оид ба ҳар як фан ташкил карда, пайваста барои беҳтар кардани сифати таълим кӯшиш намоем.

Азхудкунии дарс аз методи дурусти интихоби усулҳои фаъол ба амал меояд. Корҳои берунаазсинфӣ дар омӯзиши технологияи иттилоотӣ нақши муҳим мебозад ва аҳамияташ дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи барномаи таълимӣ бисёр навгониҳо мавҷуд мебошад.

Яке аз чунин усулҳои берунаазсинфӣ баргузории ҳафтаи фаннӣ мебошад. Мақсади асосии он дар хонандагон бедор намудани шавқу рағбат нисбат ба технологияи иттилоотӣ, интихоби касб, тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Мақсад аз ташкил намудани ҳафтаи фаннӣ дар омӯзиши технологияи иттилоотӣ аз инҳо иборат аст:

1. Проблемагузорӣ
2. Ҷустуҷӯ
3. Эҷодкорӣ
4. Маҳорат
5. Иҷрои амалии мавзуъҳо

Ҳафтаи фаннӣ дар муассисаи таълимӣ дар асоси нақшаи солонаи корҳои таълимӣ-тарбиявӣ гузаронида мешавад.

Нақшаи гузаронидани «Ҳафтаи фаннӣ» дар роҳрави муассисаи таълимӣ дар ҷойи намоён ду ҳафта пеш овехта мешавад.

Дар моҳи январи соли ҷорӣ дар муассисаи таълимии №26-и ноҳияи Роштқалъа (аз 23.01.2023 то 28.01.2023) «Ҳафтаи фанни технологияи иттилоотӣ» баргузор гардид.

Барои гузаронидани ҳафтаи фаннӣ чунин чорабиниҳоро гузаронидем:

| Рӯзҳои ҳафта | Номгӯи чорабиниҳо | Масъулин | Иҷрокунанда |
|---|---|---|---|
| Душанбе<br><br>Рӯзи кушодашавӣ | 1.Оғози ҳафтаи технологияи иттилоотӣ<br>2. Шинос намудани хонандагон бо шартҳои ҳафтаи технология иттилоотӣ<br>3.Озмуни «Информатикони ҷавон»-и ҳафтаи технологияи иттилоотӣ | Ҷонишин директор оид ба таълим ва омӯзгорони технологияи иттилоотӣ | Хонандагони синфҳои 5-11 |
| Сешанбе<br><br>Рӯзи эҷодкорӣ | 1. Суханронии хонандагон дар бораи информатикони ҷавон<br>2. Баровардани рӯзномаи деворӣ, викторинаҳо ва кроссвордҳо<br>3. Байни хонандагон ташкил кардани намоиши китобҳо, адабиёти технологияи иттилоотӣ, расму корҳои эҷодӣ | Омӯзгорони технологияи иттилоотӣ<br>ва ҳайати тадорукот | Хонандагони синфҳои 5-11 |
| Чоршанбе<br><br>Рӯзи маҳорат | 1. Маърӯза таҳти унвони «Информатика – техникаи муосир»<br>2. Бозиҳои компютерӣ ва ребусҳо<br>3.Тайёр намудани барномаи беҳтарин | Омӯзгорони технологияи иттилоотӣ | Хонандагони синфҳои 5-11 |
| Панҷшанбе<br><br>Рӯзи истифодаи шабака | 1. Тайёр намудани намоишнома оид ба «Интернет ва моҳияти он»<br>2. Ҷустуҷӯи иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ<br>3. Маърӯза таҳти унвони «Зарари шабакаҳои иҷтимоӣ» | Омӯзгорони технологияи иттилоотӣ | Хонандагони синфҳои 5-11 |
| Ҷумъа<br><br>Рӯзи намоишӣ | 1. Ҳал намудани муодилаҳои математикӣ дар барномасозӣ<br>2. Компютер – ҳамқадами мо<br>3. Буклетҳо | Омӯзгорони технологияи иттилоотӣ | Хонандагони синфҳои 5-11 |
| Шанбе<br>Пӯшидавии ҳафтаи фаннӣ | 1.Ҷамъбасти ҳафтаи технологияи иттилоотӣ<br>2. Ҷамъбасти натиҷаи озмуни «Информатикони ҷавон»<br>3. Гузаронидани конфронс дар мавзуи «Нақши технологияи иттилоотӣ дар замони муосир»<br>4. Ҷамъбасти ҳафтаи фаннӣ ва додани мукофотҳо ба ғолибон | Маъмурият ва омӯзгорони технологияи иттилоотӣ | Хонандагони синфҳои 5-11 |

Дар ҳафтаи мазкур фаъолияти омӯзгорони технологияи иттилоотӣ бо иштироки хонандагон баҳогузорӣ ва талабаҳои фаъол мукофотонида мешаванд. Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ ба фаъолияти кори омӯзгор ва донишандӯзии хонандагон такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ин замина, шавқу рағбати хонандагон рӯз то рӯз ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ меафзояд ва дар раванди таълиму тарбия ба бештар ҷалб гардидани онҳо мусоидат мекунад.

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

***Муҳаммадзоҳиршо СУЛТОНОВ,***
***омӯзгори фанни математикаи***
***Литсейи № 3 барои хонандагони***
***болаёқати шаҳри Душанбе***

# БО ЁРИИ ФОРМУЛАҲОИ ЗАРБИ МУХТАСАР ЁФТАНИ ҚИМАТИ ТАҚРИБИИ РЕШАИ КВАДРАТӢ ВА РЕШАИ КУБӢ



Барои ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ аз адади додашуда хонандагон дар синфи 8 ошноӣ пайдо намуда, бо истифода аз ҳисобкунак қимати тақрибии решаи квадратӣ ва решаи кубӣ аз ададҳои додашударо ба осонӣ ёфта метавонанд. Методикаи ҳалли аз решаи квадратӣ ва кубӣ баровардани ададҳо на ҳама вақт дар хотири хонандагон боқӣ мемонад. Бинобар ин, зарур шуморидем, ки бо истифода аз формулаҳои зарби мухтасар, аниқтараш аз квадрат ва куби сумма ва фарқи ду адад ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ ва решаи кубӣ аз ададҳои додашударо пешниҳод намоем. Барои аз решаи квадратӣ ва кубӣ баровардани ададҳо зарур аст, ки квадрат ва куби ададро донем. Масалан: $2^2 = 4$

$$3^2 = 9\,, 4^2 = 16, \ldots \text{ ё } 2^3 = 3\,, - - - -= 27, 4^3 = 64, \ldots$$

Танҳо баъди донистани квадрат ва куби адад решаи квадратӣ ва кубии адади муоинашавандаро тақрибӣ ёфта метавонем.

Формулаи зеринро барои ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ аз адади дилхоҳи мусбат ҳосил менамоем:

Фарз мекунем, ки $\sqrt{Q}$ – ро ёфтан зарур аст. Барои ин $\sqrt{Q} -$ ро ба $x + n$ ишора мекунем. Дар ин ҷо n – квадрати ададест, ки ба $Q$ наздик аст. Агар квадрати адади n аз $Q$ калон бошад, адади n – ро аз x тарҳ ва агар квадрати адади n аз $Q$ хурд бошад, пас ба адади n x – ро ҷамъ мекунем, адади Q калон бошад, пас, ҳолати якум, агар квадрати адади n аз а калон бошад $\sqrt{\text{Q}} = n - x$ (1) $\Rightarrow (\sqrt{Q})^2 = (n - x)^2$ ҳар ду тарафи баробарии (1) – ро ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$$(\sqrt{Q})^2 = (n - x)^2 \Rightarrow Q = x^2 - 2nx + n^2$$

Аз тарафи рости баробарии ҳосилшуда $x^2 -$ ро партофта, баробарии $Q = -2nx + n^2$ – ро ҳосил менамоем. Аз ин ҷо $x = \frac{n^2-Q}{2n}$ –ҳосил мешавад.

Ҳолати дуюм яъне, агар квадрати адади n аз адади Q хурд бошад, пас, $\sqrt{Q} = n + x$ (2) ҳар ду тарафи баробарии (2) – ро ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$$(\sqrt{Q})^2 = (x+n)^2$$

$Q = x^2 + 2nx + n^2$ Аз тарафи рости баробарии зерин $x^2$ – ро партофта, баробарии $Q = 2nx + n^2$ – ро ҳосил менамоем. Аз ин ҷо $x = \frac{Q-n^2}{2n}$ ҳосил мешавад.

Акнун ба ҳалли мисолҳо мегузарем.

**Мисоли 1.** Қимати тақрибии $\sqrt{7}$ – ро меёбем.

Барои тақрибӣ аз решаи квадратӣ баровардани адади 7 аввал бояд донем, ки квадрати кадом адад ба 7 наздик аст. Ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст, ки ин 3 аст, чунки $3^2 = 9$ квадрати адади 3 аз 7 калон аст, пас аз 3 x-ро тарҳ мекунем. $\sqrt{7} = 3 - x$ $(1^*)$

Ҳар ду тарафи баробарии $(1^*)$ – ро ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем.

$(\sqrt{7})^2 = (3-x)^2; \Rightarrow 7 = 9 - 6x + x^2$

Дар ин ҷо аз тарафи рости баробари $x^2$ – ро партофта, ҳосил мекунем. $7 = 9 - 6x \leftrightarrow 6x = 2 \leftrightarrow x = \frac{1}{3}$. Қимати x – ро ба баробарии (1) гузошта меёбем. $\sqrt{7} = 3 - x = 3 - \frac{1}{3} = \frac{8}{3} = 2\frac{2}{3} \approx 2{,}66$. Ҳамин тавр, $\sqrt{7} \approx 2{,}66$

**Мисоли 2.** Қимати тақрибӣ ва баробарии $\sqrt{37}$ – ро меёбем. Ҳар ду тарафи $\sqrt{37} = x + 6$-ро ба квадрат бардошта менависем:

$$(\sqrt{37})^2 = (x+6)^2 \leftrightarrow 37 = x^2 + 12x + 36 \leftrightarrow 12x = 1 \leftrightarrow x = \frac{1}{12} \approx 0{,}083$$

*Пас,* $\sqrt{37} = x + 6 \approx 0{,}083 + 6 = 6{,}083$.

Акнун бе истифода аз ҳисобкунак қимати тақрибии ифодаи зеринро меёбем: $3\sqrt{6} - \sqrt{2}$

Барои ёфтани қимати тақрибии ифодаи додашуда аз табдилдиҳиҳои дар боло иҷрогардида пайдарпай истифода мебарем. Яъне, аввал қимати тақрибии решаи 6-ро меёбем.

$\sqrt{6} = x + 2$; $(\sqrt{6})^2 = (x+2)^2 \leftrightarrow 6 = x^2 + 4x + 4 \leftrightarrow 4x = 2 \leftrightarrow x = \frac{1}{2} = 0{,}5$; $\sqrt{6} \approx x + 2 \approx 2{,}5$

Акнун қимати тақрибии решаи квадратӣ аз адади 2 – ро меёбем. Яъне,

$\sqrt{2} = x + 1$; $(\sqrt{2})^2 = (x+1)^2 \leftrightarrow 2 = x^2 + 2x + 1 \leftrightarrow 2x = 1 \leftrightarrow x = \frac{1}{2} = 0{,}5$; $\sqrt{2} = x + 1 \approx 1{,}5$ қиматҳои тақрибӣ ёфтаамонро дар ифода гузошта ҳосил мекунем.

$3\sqrt{6} - \sqrt{2} \approx 3 \cdot 2{,}5 - 1{,}5 \approx 7{,}5 - 1{,}5 \approx 6$

**Мисоли 3.** Қимати решаи $\sqrt{96}$ – ро меёбем.

$$\sqrt{96} = 10 - x; \Rightarrow (\sqrt{96})^2 = (10-x)^2$$

$$96 = 100 - 20x + x^2,\ \text{Аз ин баробарӣ } x^2 - \text{ро партофта ҳосил мекунем:}$$

$$20x = 4 \leftrightarrow x = 0{,}2\ \text{Пас;}\ \sqrt{96} \approx 10 - x \approx 10 - 0{,}5 \approx 9{,}8$$

Бо истифода аз формулаҳои (1) ва (2) қимати тақрибии ададҳоро меёбем.

**Мисоли №4.** Қимати ифодаро ҳисоб мекунем:

$$\frac{1}{3} \cdot \sqrt{5{,}2} + 3\sqrt{6{,}5}$$

$$\sqrt{5{,}2} = 2 + x, Q = 5{,}2, n = 2$$

$$x = \frac{Q-n^2}{2n} = \frac{5{,}2 - 2^2}{2 \cdot 2} = \frac{5{,}2 - 4}{4} = \frac{1{,}2}{4} = \frac{12}{40} = 0{,}3$$

$$\sqrt{5{,}2} = 2 + x = 2 + 0{,}3 \approx 2{,}3$$

$\sqrt{6{,}5} = 2 + x, Q = 6{,}5, n = 2$

$x = \frac{Q - n^2}{2n} = \frac{6{,}5 - 2^2}{2 \cdot 2} = \frac{6{,}5 - 4}{4} = \frac{2{,}5}{4} = \frac{25}{40} = 0{,}625$

$\sqrt{6{,}5} = 2 + x \approx 2 + 0{,}625 \approx 2{,}625$

Қиматҳои $\sqrt{5{,}2} \approx 2{,}3$ ва $\sqrt{6{,}5} \approx 2{,}625$-ро ба ифодаи додашуда гузошта, қимати онро ҳисоб мекунем.

$\frac{1}{3} \cdot \sqrt{5{,}2} + 3\sqrt{6{,}5} = \frac{1}{3} \cdot 2{,}3 + 3 \cdot 2{,}625 \approx 8{,}635$

Формулаи зеринро барои ёфтани қимати тақрибии решаи кубӣ аз адади дилхоҳи мусбат ҳосил менамоем.

Фарз мекунем, ки $\sqrt[3]{Q}$ – ро ёфтан лозим аст. Барои ин $\sqrt[3]{Q}$ – ро ба $x + n$ ишора мекунем. Дар ин ҷо n – куби ададест, ки ба $Q$ наздик аст. Агар куби адади n аз $Q$ калон бошад, адади n – ро аз x тарҳ ва агар куби адади n аз $Q$ хурд бошад, пас, ба адади n x – ро ҷамъ мекунем.

Ҳолати якум, агар куби адади n аз адади Q калон бошад, пас, $\sqrt[3]{Q} = n - x$.

Ҳар ду тарафи баробариро ба куб бардошта, ҳосил мекунем.

$$(\sqrt[3]{Q})^3 = (n - x)^3 \leftrightarrow Q = n^3 - 3n^2x + 3nx^2 - x^3$$

$x^3$ – ро аз тарафи чапи баробари партофта решаҳои муодилаи квадратии ҳосилшударо меёбем. $Q = n^3 - 3n^2x + 3nx^2 \leftrightarrow 3nx^2 - 3n^2x + n^3 - Q = 0$

$D = b^2 - 4ac = 9n^4 - 12n(n^3 - Q) = 12nQ - 3n^4$

$x_{1,2} = \frac{-b \pm \sqrt{b^2 - 4ac}}{2a} = \frac{3n^2 \pm \sqrt{12nQ - 3n^4}}{6n}$ (3)

**Мисоли № 5** Қимати тақрибии $\sqrt[3]{5{,}2}$ – ро ёбед.

$$\sqrt[3]{5{,}2} = \mathrm{n} - \mathrm{x}, \mathrm{n} = 2, \mathrm{Q} = 5{,}2$$

$x_{1,2} = \frac{3n^2 \pm \sqrt{12nQ - 3n^4}}{6n} = \frac{3 \cdot 2^2 \pm \sqrt{12 \cdot 2 \cdot 5{,}2 - 3 \cdot 2^4}}{6 \cdot 2} = \frac{12 \pm \sqrt{76{,}8}}{12}$

$\sqrt{76{,}8} = n - x, Q = 76{,}8, n = 9$

$x = \frac{n^2 - Q}{2n} = \frac{81 - 76{,}8}{18} = \frac{4{,}2}{18} = 0{,}23$

$\sqrt{76{,}8} = n - x = 9 - 0{,}23 = 8{,}77$

$x_1 = \frac{12 - \sqrt{76{,}8}}{12} = \frac{12 - 8{,}77}{12} = \frac{3{,}23}{12} = 0{,}269$

$x_2 = \frac{12 + \sqrt{76{,}8}}{12} = \frac{12 + 8{,}77}{12} = \frac{20{,}77}{12} = 1{,}73$ – (решаи бегона).

$$\sqrt[3]{5{,}2} = \mathrm{n} - \mathrm{x} = 2 - 0{,}269 \approx 1{,}731,$$

Санчиш: $1{,}731^3 = 5{,}186$

**Мисоли № 6.** $\sqrt[3]{220}$ – ро ёбед.

$\sqrt[3]{220} = n + x, n = 6, Q = 220$

$x_{1,2} = \frac{-3n^2 \pm \sqrt{12nQ - 3n^4}}{6n} = \frac{-3 \cdot 6^2 \pm \sqrt{12 \cdot 6 \cdot 220 - 3 \cdot 6^4}}{6 \cdot 6} == \frac{-108 \pm \sqrt{11952}}{36}$

$\sqrt{11952} = n + x, Q = 11952, n = 109$

$x = \frac{Q - n^2}{2n} = \frac{11952 - 11881}{214} = \frac{71}{214} = 0{,}33$

$$\sqrt{11952} = n + x = 109 + 0,331 \approx 109,33$$

$$x_{1,2} = \frac{-108 \pm \sqrt{11952}}{36} = \frac{-108 \pm 109,33}{36}$$

$$x_1 = \frac{-108 + 109,33}{36} = \frac{1,33}{36} = 0,036 \quad x_2 = \frac{-108 - 109,33}{36} = -\frac{217,33}{36} = -6,036 \text{ решаи бегона}$$

$$\sqrt[3]{220} \approx n + x \approx 6 + 0,036 \approx 6,036.$$

Санҷиш: $6,036^3 = 219,911$

Хулоса, истифодаи формулаҳои зарби мухтасар барои ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ ва кубии ададҳои мусбати дилхоҳ ба хонандагон роҳи нисбатан фаҳмо ва осони ҳисоб намудани қимати ифодаҳои решаи квадратӣ ва кубидоштаро меомӯзонад. Дар ин тарзи ёфтани қимати тақрибӣ аз решаи квадратӣ ва кубии ададҳои мусбати дилхоҳ омӯзгор истифодаи формулаи квадрати сумма ва куби суммаи ду ададро ба хонандагон фаҳмонда, тарзи ҳар ду тарафи муодиларо ба ҳамон як дараҷа бардоштанро меомӯзонад. Ҷараёни ёфтани қимати тақрибии решаи квадратӣ ва кубии ададҳои мусбат дар хонандагон малакаи худназоратӣ, қобилияти муқоисакунӣ, ташаккули ирода ва устувориро меомӯзонад. Интихоби тарзи ёфтани қимати тақрибии аз решаи квадратӣ ва решаи кубӣ аз худи хонанда вобаста аст. Ҳар як хонанда бояд аз уҳдаи ҳалли дуруст ва ратсионалии он баромада тавонад.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

**Низомиддин Ҷумъаев – омӯзгори беҳтарин**

Омӯзгори литсей №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Низомиддин Ҷумъаев дар озмуни 4-уми байналмилалии «Маҳорати касбӣ» байни довталабони 26 давлати дунё аз рӯйи номинатсияи «Омӯзгори беҳтарин-2023» иштирок намуда, сазовори ҷойи якум ва Дипломи дараҷаи 1 шуд.

Озмун тариқи маҷозӣ (онлайнӣ) бо ташаббуси Федератсияи Россия баргузор гардида, аз рӯи номинатсияҳои «Омӯзгори беҳтарин – 2023», «Роҳбари беҳтарин – 2023», «Методисти беҳтарин – 2023», «Омӯзгор-ташкилотчӣ – 2023», «Беҳтарин коллективи омӯзгорон – 2023» «Мутахассиси ҷавон – 2023» баргузор карда шуд.

Ҳадаф аз баргузории озмун рушди қобилияти эҷодии омӯзгорон, такмили маҳорати касбӣ ва хоҳиши ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар таълим, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам, дастгирии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбӣ, ошкор намудани омӯзгорони болаёқат, дастгирӣ ва ҳавасманд гардонидани онҳо мебошад.



**КИТОБИЁТ**



***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# ПАЖУҲИШИ ГУСТУРДА ДОИР БА МАТБУОТИ СОҲАВӢ




Матбуот оинаи тамомнамои ҷомеа буда, бо баррасии масоили муҳимми замон дар рушду пешрафти давлат нақши бориз дорад. Матбуоти тоҷик таърихи беш аз 110-сола дошта, ҳамчун минбари асосии инъикоси масоили мубрами ҷомеа шинохта шудааст. Рӯзномаи “Бухорои шариф”, ки бо ибтикори як идда равшанфикрон 11 марти соли 1912 таъсис дода шуд ва қариб як сол фаъолият намуд, заминаи асосиро ба рушди матбуоти миллӣ дар кишвар гузошт. Бо таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон матбуоти тоҷик рушд ёфт ва дар ин миён матбуоти соҳавӣ мавқеи намоён пайдо кард. Матбуоти соҳавии Тоҷикистон, аз ҷумла, соҳаи маориф таърихи тӯлонӣ дошта, аввалин маҷаллаи соҳаи маориф 5 марти соли 1926 бо номи “Дониш ва омӯзгор” таъсис ёфтааст, ки имрӯз таҳти унвони “Маърифати омӯзгор” чоп мегардад. Бо рушду такомули соҳа нашриёҳои дагари соҳавӣ низ ба вуҷуд омаданд. Нашрияи «Омӯзгор» (аз 20-уми июли соли 1932 бо номи «Барои маорифи коммунистӣ» таъсис ёфта, сипас, ба “Газетаи муаллимон”, “Маориф ва маданият” ва соли 1989 “Омӯзгор” тағйири ном кардааст), яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ дар бозтоби вазъи соҳаи маориф ва баланд бардоштани маърифати мардум махсуб меёбад ва дар роҳи худшиносиву манфиатҳои миллӣ монеаҳои душвору мураккабро паси сар кардааст ва дар ин муборизаҳо нақши он муассиру барҷаста аст. Маълум мегардад, ки нашрия ҳам дар замони Шуравӣ ва ҳам давраи Истиқлол дар вусъати андешаи миллии аҳли ҷомеа нақши бориз дорад.

Соли 2022 аз таъсиси нашрияи “Омӯзгор” 90 сол сипарӣ гардид. Нашрияи “Омӯзгор” дар дарозои таърих шебу фарозҳои зиёдро паси сар намудааст ва ҳамчун минбари аҳли маориф дар рушди соҳа хидмати мондагор кардааст. Истиқлоли давлатии Тоҷикистон имкони мусоид барои омӯзиши таърихи матбуоти тоҷик фароҳам овард, ки дар ин самт пажуҳишҳои густурдаву доманадор сурат гирифтанд ва саҳифаҳои рангини матбуоти тоҷикро барои хонанда ба таври фарогир бармало месозанд. Дар баробари ин, журналистика ҳамчун соҳаи алоҳидаи илм пазируфта гардид ва пажуҳишҳои зиёд анҷом дода шуд, ки онҳо, аз як ҷониб, вижагиҳои рушду инкишофи матбуоти тоҷикро бозгӯ намояд, аз сӯйи дигар, ба такомулу таҳаввули журналистикаи тоҷик таъсири мусбат мерасонад.

Вобаста ба фаъолият ва вижагиҳои нашрияи “Омӯзгор” мақолаву пажуҳишҳои алоҳида анҷом ёфта бошад ҳам, аввалин маротиба ба таври густурда доир ба таъриху ташаккул, шаклу намо ва вижагиҳои жанрӣ аз ҷониби рӯзноманигор ва муҳаққиқ Ноилшоҳ Нурализода мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуд. Мавсуф соли 2022 таҳти унвони “Нашрияи “Омӯзгор” дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон” рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон баҳои баланд дода шуд.

Дарвоқеъ, Ноилшоҳ Нурализода ҳамчун муҳаққиқи варзида паҳлуҳои гуногуни нашрияро таҳқиқ кардааст ва доир ба вижагию махсусиятҳои он дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмӣ мақолаву матолиби арзишманд чоп намудааст.

Ба ҳамин мазмун, бахшида ба 90-солагии нашрияи “Омӯзгор” китоби муҳаққиқ бо номи “Машъали маориф” (Душанбе, 2022. – 170 с.) аз чоп баромад, ки қисме аз пажуҳишҳои мавсуфро фаро мегирад. Китоби мазкур зери назари доктори илми филология, профессор, академики АМИТ Муҳаммадюсуф Имомзода ба нашр расидааст, ки аз нигоштаҳои илмии “Заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва марҳилаҳои инкишофи нашрияи «Омӯзгор», “Нақши матбуоти соҳавӣ дар баррасии ду санади муҳимми соҳаи маориф”, “Инъикоси навгониҳои соҳаи маориф дар қолаби жанрҳои хабарӣ” “Истиқлол ва «Омӯзгор»” ва “Чӣ тавр «Дониш-биниш» «Раҳбари дониш» шуд?” таркиб ёфтааст.

Дар китоб заминаҳои таърихии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули нашрияи «Омӯзгор» таҳқиқ гардидааст ва натиҷаҳои ҷолибу омӯзандаро дарёфтааст. Пажуҳишгар вобаста таърихи таъсиси нашрия аввал доир ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давр таваҷҷуҳ намуда, дар зимн маорифпарваронро таъсисдиҳандагони матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон маънидод кардааст. Дар тақвияти андешаҳояш мисолҳои мушаххас аз фаъолияти маорифпарварон меорад, бо иқтибос аз асарҳои илмии муҳаққиқони тоҷику хориҷӣ тақвият мебахшад ва вижагиҳои нашрияро бо факту рақамҳои боэътимод пешниҳод мекунад. Дар зимн муҳаққиқ доир ба тағйири номҳои нашрия чунин гуфтааст:

“Нахустин рӯзномаи аҳли маорифи кишвар «Барои маорифи коммунистӣ» аз оғози таъсисёбӣ ҳамқадами замон будааст ва инро дар табдили ном кардан, шаклу намо ва дар мазмуну мундариҷаи он баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ибтидо «Барои маорифи коммунистӣ» ном дошт, ки ифодакунандаи идеологияи ҳизби коммунист буд. Соли 1938 ба таъсири забони русӣ ва «Учительская газета» тағйири ном ба «Газетаи муаллимон» кард ва мазмуну мундариҷоти он мушаххастар гардид. Соли 1959 нашрия номи «Маориф ва маданият»-ро гирифт, ки далели муттаҳид гардидани соҳаҳои маорифу фарҳанг мебошад. Соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» номгузорӣ шуд, ки нишони бозгашт ба рисолати таърихӣ ва касбият аст. Аз соли 1989 табдили ном ба «Омӯзгор» кард, ки баёнгари бедории миллӣ ва хештаншиносӣ мебошад».

Дар мақолаи “Нақши матбуоти соҳавӣ дар баррасии ду санади муҳимми соҳаи маориф (дар мисоли нашрияи «Омӯзгор»)» саҳми нашрияро дар баррасии қабули ҳуҷҷатҳои муҳимми соҳаи маориф, аз ҷумла, Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба таври фарогир нишон додааст. Мақолаи мазкур, аз як тараф, нақши нашрияро дар баррасии ҳуҷҷатҳои муҳимми соҳа мушаххас намояд, аз ҷониби дигар, ҳамчун минбари аҳли маориф дар бозтоби масоили соҳа муаррифӣ мегардад.

Масоили жанрӣ аз муҳимтари вижагиҳо дар таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик ба ҳисоб меравад ва таъсирпазирии навиштаҳо дар қолабҳои жанрӣ ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқ ба ин паҳлуи нигоштаҳои нашрия низ таваҷҷуҳ намуда, мавқеи жанрҳои хабариро дар бозтоби масоили маориф муҳим арзёбӣ кардааст. Бо рушду пешрафти технологияи муосир ҷанбаи хабарии нашрия тадриҷан аҳамияташро аз даст медиҳад, вале ҳамчун қолаби классикии

расондани иттилоъ ҳамеша пойбарҷо хоҳад монд. Дар ин самт шаклу шеваи пешниҳодро дигаргун ва ба ҷаҳони муосир мувофиқу созгор бояд кард.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ нашрия “Омӯзгор” ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва ҳам шаклу намо тағйир ёфт. Навишаҳои нашрияро асосан масоили соҳаи маориф ташкил медиҳанд, ҳол он ки дар замони Шуравӣ ҷанбаи маърифату адабии он бартарӣ дошт. Навиштаҳо ба таври муассир пешниҳоди хонандагон мегарданд ва ҷобаҷогузории он низ мувофиқи мақсад мебошад. Саҳифаҳои алоҳида ва мизҳои мудаввар дар шаҳру навоҳии мамлакат ташкил карда мешавад, ки робитаи хонандагон бо аҳли қалами нашрияро таҳким мебахшад. Инчунин, дар саҳифаҳои нашрия доир ба бунёди сохтмонҳои азим, мактабу кӯдакистон ва умуман дастовардҳои замони истиқлол ба таври фарогир бозтоб мегардад, ки аз аслитарин рисолати нашрия ба ҳисоб меравад. Н. Нурализода дар мақолаи “Истиқлол ва «Омӯзгор»” ба масоили мазкур таваҷҷуҳ бинмудааст.

Дар китоб мақолаи муҳаққиқ Собит Манофзода барои беҳтар шудани муҳтавои «Дониш-биниш» («Дониш ва омӯзгор») оварда шудааст, ки омӯзанда мебошад ва аввалин намунаи тақриз оид ба матбуот мебошад. Нахуст Н. Нурализода доир ба мазмуну муҳтавои тақризро шарҳу тавзеҳ бахшида, сипас, аз хати форсӣ ба кириллӣ баргардон ва пешкаши хонандагон намудааст.

Воқеан, муҳаққиқи тавоно Ноилшоҳ Нурализода дар китоби “Машъали маориф” паҳлуҳои гуногуни яке аз нашрияҳои пешгоми соҳавии Тоҷикистонро ба таври густурда мавриди таҳқиқ қарор додааст ва андешаҳояшро бо истифода аз арқому далелҳои муътамад ироа кардааст, ки ба устодону омӯзгорон ва аспирантону докторантони факултету шуъбаҳои журналистикаи макотиби олии кишвар хидмати арзанда хоҳад кард. Ба муҳаққиқ Ноилшоҳ Нурализода дар ҷодаи пажуҳишу таҳқиқ комёбиҳои нав ба навро таманно дорем.

**21 феврал – Рӯзи байналмилалии забони модарӣ**

Агар бидонам, ки фардо забони ман мемирад, ман имрӯз хоҳам мурд.

***Расул Ғазатов***

…Забон на фақат қулфкушои дониш, балки воситаи тавонои омӯзиши он низ мебошад. Хазинаи ин ганҷинаҳо китоб аст, алалхусус китоби дарсӣ. Ҳамаи китобҳои дарсӣ манбаи омӯзиши забонанд. Бинобар ин шиори мо бояд чунин бошад: Аз ҳар китоби дарсӣ бояд забон омӯхт.

***Шарофиддин Рустамов***



**ШИНОХТ**

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



## АНДРЕЙ АНДРЕЕВИЧ МАРКОВ – ОЛИМИ БАРҶАСТА

Олими бузурги рус Андрей Андреевич Марков соли 1856 дар Губернияи Рязан дар оилаи мансабдори хурд ба дунё омадааст. Маркови ҷавон ҳанӯз дар замони дар гимназия таҳсил карданаш ба математика шавқу рағбати беандоза дошт. Пас аз хатми гимназия ба факултети математикаи Донишгоҳи Петербург дохил шуд. Соли 1878 донишгоҳро хатм кард ва ба пажуҳиш машғул гардида, соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардид. Дар ҳамин сол ӯро барои кори илмиаш дар соҳаи математика, аниқтараш, дар соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо медали тилло қадрдонӣ карданд. Соли 1880 Марков ба унвони дотсент, пас аз шаш сол профессор гардид. Соли 1905 бо унвони профессори хизматнишондода мушарраф шудааст. Ҳамзамон, Марков дар Академияи илмҳо, ки аз соли 1896 ба узвияти он қабул шуда буд, кор мекард. Фаъолияти илмии Марков бо мактаби илмии Чебишев алоқаманд будааст. Ӯ бо назарияи ададҳо, анализи математикӣ ва назарияи эҳтимолиятҳо машғул гардид. Бисёре аз исботи овардаи Марков ҳоло дар тамоми олам ҳамчун далелҳои дуруст ба аҳли илми ҷаҳон эътироф шудааст. Муҳимтарини онҳо бисёраъзогиҳои Марков мебошад. Ҳангоми ҳисобҳо бо додаҳои аз таҷриба дар соҳаҳои гуногуни илм ҳосилшуда ин вобастагиҳо хизмати бебаҳо мерасонад: онҳо дар асоси аксари корҳои нави назариявӣ доир ба анализи математикӣ ва назарияи эҳтимолиятҳо пойдевор гузошта мешавад. Марков на танҳо ҳамчун математик, балки ҳамчун инсони ҷасуру пешқадам шинохта шудааст. Масалан, ҳангоме ки Лев Толстой барои фаъолияташ аз мазҳаби провославӣ хориҷ карда шуд, Марков низ дар мактуби ба ҳокимони мазҳаб навиштааш аз он худро хориҷ кард. Вақте ки М. Горкийро аз узвият ба Академияи илмҳо рад карданд, Марков низ аз тамоми унвонҳои Академияи илмҳо, ки ба ӯ дода буданд, даст кашид. Тамоми умри хешро Марков сарфи илм кардааст. Кори илмии охирини ӯ се моҳ пеш аз вафоташ чоп шудааст. Асари илмии пурарзиши ӯ “Ҳисоб кардани эҳтимолиятҳо” ном дорад. Аслан, ин олими забардасти рус назарияи эҳтимолиятро пажуҳиш кардааст. Корҳои аз ҷониби ӯ анҷомдода ин шохаи илми математикаро хеле инкишоф бахшиданд. Бо шарофати натиҷаҳои илмии бадастовардаи Марков ҳоло метавон масъалаҳои статистикиро доир ба физика, химия, биология ва математика бомуваффақият ҳал намуд.

Марков 20-уми июли соли 1922 аз олам даргузашт.



## ВЛАДИМИР АНДРЕЕВИЧ СТЕКЛОВ – АСОСГУЗОРИ ИЛМҲОИ ФИЗИКӢ - МАТЕМАТИКӢ

Математик ва механики Шуравӣ Владимир Андереевич Стеклов 28-уми декабри соли 1863 дар Нижний Новгород таваллуд шудааст ва соли 1887 Донишгоҳи Харковро хатм кардааст. Лексияҳои математики машҳур Ляпуновро шунидааст. Фаъолияти Ляпунов ба қаторҳои тригонометрӣ, бешубҳа, ба истеъдоди математикии Стеклов таъсири

мусбат расонидааст. Солҳои 1889-1906 Стеклов дар кафедраи механикаи Донишгоҳи Харков кор намудааст. Дар соли 1896 ӯ соҳиби унвони илмии профессор гардидааст. Дар ин давра ӯ боз дар Институти технологии Харков низ аз механикаи назариявӣ дарс гуфтааст. Дар ҳамин давра дар мавзуи “Методҳои умумии ҳалли масъалаҳои асосии физикаи математикӣ” рисолаи докторӣ дифоъ кардааст, ки соли 1901 дар шакли китоби алоҳида аз чоп баромад. Дар он роҳҳои минбаъдаи таҳқиқоти олим муайян карда шудааст. Аз соли 1896 то лаҳзаи фавташ Стеклов дар Донишгоҳи Петербург (Ленинград) фаъолият намудааст. Ба ғайр аз кори илмӣ дар корҳои ҷамъиятӣ ва ташкилӣ фаъолияти пурсамар дошт. Соли 1921 бо ташаббуси В. А. Стеклов Институти физикӣ-математикии Академияи илмҳо таъсис дода шуд. А. Стеклов бо татбиқи методҳои математикӣ дар илмҳои табиатшиносӣ, пеш аз ҳама, дар физикаи математикӣ машғул шудааст. А.Стеклов пайрави мактаби математикии илмии Петербург буд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки бори аввал аз ҷониби Стеклов дар баробари татбиқ ёфтану истифода шудани сарбастагии системаи ортогоналӣ яке аз мафҳумҳои асосии назарияи функсияҳои ҳисоб анҷом дода шудааст. Стеклов дар математика методи “суфта кардани функсия”- ро ворид сохтааст, ки моҳияташ аз иваз кардани функсияи додашуда бо функсияи миёнаи интегралӣ иборат аст. Ин метод аз ҷониби математикҳои дигар кор карда шуда бошад ҳам, “суфтакунӣ”-и функсияҳо дар математика бо номи “функсияи Стеклов” маъмул аст. Инчунин, муаллифи корҳои зиёд дар соҳаи анализи математикӣ мебошад, ки муҳимаш ба назарияи квадратураи механикӣ тааллуқ дорад. Барои дастовардҳои бузурги илмӣ дар соҳаи математика, асосан, дар соҳаи механика В. А. Стеклов соли 1912 ҳамчун узви пайвастаи Академияи илмҳои Россия интихоб гардид. Аз соли 1919 то соли 1926 Стеклов вазифаи ноиб - раиси Академияи илмҳои ИҶШС- ро ба уҳда дошт.

Стеклов 1926 аз олам даргузашт.



## ЭРИК ИВАР ФРЕДГОЛМ – МУТАХАССИСИ ТАВОНОИ МУОДИЛАҲОИ ИНТЕГРАЛӢ

Математики шведӣ Эрик Ивар Фредголм соли 1866 таваллуд шудааст. Соли 1885 ба Институти политехникии Стокголм дохил шуда, онро соли 1893 хатм кардааст. Соли 1898 рисолаи докториро дифоъ карда, ҳамон сол ба вазифаи дотсент ва соли 1906 ба вазифаи профессори Донишгоҳи Стокголм таъин гардид. Дар аввал Фредголм бо муодилаҳои дифференсиалӣ машғул шуда, як қатор натиҷаҳои муҳимро ба даст овард. Баъдтар диққати ӯро муодилаҳои интегралӣ, яъне, муодилаҳое, ки дар онҳо функсияи номаълум дар таҳти ишораи интеграл дохил шудааст, ба худ ҷалб кард. Фредголм нахустин шуда ба таҳқиқи чунин муодилаҳо сар кард ва методи ҳалли баъзе намудҳои онҳоро пешниҳод намуд, ки дар илм бо номи муодилаҳои Фредголм маъмуланд. Инчунин, муайянкунандаи Фредголм ва се теоремаи исботкардаи ӯ, ки ба назарияи муодилаҳои интегралӣ рабт доранд, дар илми математика мавқеи устувор дорад. Аҳамияти натиҷаҳои ҳосилкардаи Фредголм, махсусан, барои ҳалли як қатор проблемаҳои физикӣ аҳамияти хоса доранд. Ин аҳамият дар он зоҳир меёбад, ки аксари муодилаҳои дифференсиалӣ бо шартҳои канорӣ ба муодилаи интегралии ягонаи баробарқувва оварда мешавад. Агар ин муодилаҳои интегралӣ ҳал дошта бошанд, мушкилоти математикии онҳо ҳатто аз афзоиш ёфтани шумораи тағйирёбандаҳо зиёд намешавад. Дар бораи муодилаҳои дифференсиалӣ гуфтан мумкин, ки онҳо дар се тағйирёбанда назар ба ду тағйирёбанда хеле мураккабтар мегарданд. Проблемаҳои таҳқиқкардаи Фредголм бевосита дар соҳаҳои мухталифи техникаҳои навтарин истифода мешавад. Дар ин самт корҳои дар соҳаҳои

физика, химия ва механика анҷомёфта гувоҳӣ медиҳад. Муодилаи интегралии Фредголм чунин намуд дорад:

$$\varphi(s) = \mu \int_a^t K(s,t)\varphi(t)dt = f(s),\ (a \leq s\ ,\ t < b).$$

## ПАВЕЛ САМУЛОВИЧ УРИСОН – ТОПОЛОГӢ БОИСТЕЪДОД ВА АСОСГУЗОРИ НАЗАРИЯИ ЧЕНАКҲО



Павел Самуилович Урисон аз ҷумлаи математикҳои боистеъдоди Шуравӣ ба шумор меравад. Урисон 3-юми феврали соли 1898 дар Одесса таваллуд шудааст. Ҳанӯз дар замони дар мактаби миёна таҳсил карданаш ба илмҳои физика, химия, математика, инчунин, ба забон ва адабиёт таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Соли 1915 ба факултети физика ва математикаи Донишгоҳи Москва дохил мешавад. Ҳамон сол кори илмӣ-таҷрибавиро дар мавзуи “Доир ба радиатсияи трубкаи Кулиҷ” пешниҳод карда буд, аммо ба зудӣ дар зери таъсири лексияҳои Д. Ф. Егоров ва Н. Н. Лузин бештар ба математика таваҷҷуҳ зоҳир кард. Пас аз хатми донишгоҳи мазкур Урисон ба шуъбаи аспирантура дохил шуд ва зери роҳбарии Лузин ба корҳои пажуҳишӣ машғул гардид. Ҳанӯз ҳангоми дар аспирантура таҳсил карданаш Урисон бо лексияҳои хеш донишҷӯёнро мафтун сохта буд. Дар ҳар як лексияаш доир ба дастовардҳои навини илмӣ сухан меронд ё исботи аҷиби ягон теоремаро пешниҳод мекард. Урисон аксари фаслҳои математикаро хеле хуб медонист. Дар таърихи математика, пеш аз ҳама, ҳамчун топологи машҳур ва поягузори назарияи ченакҳои маҷмуъҳо шуҳратёр гардидааст. Мувофиқи ёддошти математики барҷастаи Шуравӣ П. С. Александров тобистони соли 1921 Д. Ф. Егоров ба Урисон чунин масъала пешниҳод кардааст: таърифи топологии дохилии хатро ҳосил кунад, то таърифи маъмули хати каҷро дар ҳамворӣ ҳамчун ҳолати ҷузъӣ дар бар гирифта бошад. Доир ба ин масъала андеша ронда, соли 1922 назарияи ченакҳои маҷмуъҳоро ошкор сохт. Ӯ натиҷаҳои хеле муҳимро дар соҳаи фазоҳои топологӣ ҳосил кардааст, ки теоремаҳои метрикунонидашуда ва дохил кардани фазои топологӣ ба фазои гилбертӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Мавзуи лексияҳои ин олими барҷаста шавқовару ҷолибанд. Урисон дар Донишгоҳи Москва аввалин шуда доир ба топология ва назарияи нисбӣ лексияҳо хондааст. Урисон пас аз се рӯзи ба охир расонидани пажуҳиши пурарзиши илмиаш “Тавоноии маҷмуъҳои алоқанок” 17-уми августи соли 1924, ҳангоми оббозӣ кардан дар музофоти Бретании Фаронса дар об ғарқ шуда, фавтидааст.

***Таҳияи А. ШАРИФЗОДА***

**Ҷавоби муаммои «Ҳандаса». №1, 2023**

**Аз боло ба поён:** 2. Ҳасан. 3. Данко. 4. Тоҳир. 5. Низом. 8. Макнуна. 9. Монитор. 10. «Анбоз». 11. Ҷаноҳ. 12. Моҳир. 16. Аҳрор. 18. Қумрӣ. 20. Амлок. 21. Илова.

**Аз чап ба рост:** 1. Воҳидов. 6. Товус. 7. Нодир. 10. Анҷом. 11. Коран. 14. Ормон. 15. Уламо. 17. Искот. 19. Заҳир. 22. Соҳил. 23. Овора. 24. Соктаре.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# БИЁЕД, АНДЕША МЕКУНЕМ

1. Дар соли 2023 синни хонандае ба суммаи рақамҳои соли таваллудаш баробар мешавад. Ин хонанда дар синфи чандум мехонад?

2. Квадрат ва доира аз ҷиҳати масоҳат баробар бузург мебошанд. Муайян кунед, ки кадоме дарозтар аст: периметри квадрат ё ки дарозии давра (расми 1).



Расми 1



Расми 2

3. Кӯзаи ғунҷоишаш 8 л аз равған пур аст. Чӯпон ният дорад, ки бо воситаи ду банкаи ғунҷоиши яке 3 л ва дигаре 5 л равғани кӯзаро айнан ба ду ҳиссаи баробар ҷудо кунад. Дар деворҳои зарфҳо дар бораи ғунҷоиши онҳо ягон қайд дида намешавад. Ба чупон ёрӣ диҳед, то ин муамморо ҳал кунад.

4. Чӣ тавр бо ёрии паргор ва хаткашаки бе тақсимот кунҷи бузургиаш $19^0$-ро (расми 2) ба 19 қисми баробар ҷудо кардан мумкин?


Расми 3


Расми 4

5. Дар доирачаҳои шакли дар расми 3 тасвиркардашуда ҳамаи ададҳои аз 1 то 16- ро тавре нависед, ки суммаи чор адади дар ҳар як тарафи квадратҳо навишта ба ҳамон як адад баробар шавад. Як адад танҳо як маротиба истифода бурда мешавад.

6. Дар доирачаҳои ситораи панҷгӯшаи дар расми 4 тасвиркардашуда ададҳои якрақамаро тавре нависед, ки суммаи ҳар чор адади ҳамаи панҷ тарафҳои панҷгӯша бо ҳам баробар шаванд.

***Асадулло ШАРИФЗОДА,***
***устоди литсейи равияи табиию риёзии***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ЧАЙНВОРД

# 30-СОЛАГИИ АРТИШИ МИЛЛӢ

***Мураттибон:***
***Анӯшервон ШАРИФЗОДА,***
***донишҷӯи курси II факултети***
***молия ва қарзи ДМТ;***
***Муҳаммад ШАРИФЗОДА,***
***хонандаи синфи 7-и МТМУ***
***№67-и ноҳияи Сино***



1. Шеъри шоири ҷанговари тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ. 2. Рутбаи ҳарбӣ. 3. Номи рамзии гурӯҳи разведкаи Шуравӣ дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. 4. Элементи химиявӣ. 5. Ташкилоти ҳарбӣ-варзишӣ. 6. Яке аз давлатҳои пуриқтидор. 7. Конструктори машҳури ҳавопаймоҳои ҷангии Шуравӣ. 8. Лашкаркаши машҳур дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. 9. Заррачаи безаряд. 10. Номаи эътирозии як давлат аз болои давлати дигар. 11. Яроқе, ки онро «Худои ҷанг» номидаанд. 12. Тамғаи ҳавопаймои мусофиркаш. 13. Лётчик – се карат Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 14. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15. Футболбози номдори ҷаҳон. 16. Макони баргузории машқҳои ҳарбӣ. 17. Номи варзишгари машҳури UFC. 18. Асосгузори коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон. 19. Хоки муқаддас. 20. Шаҳре, ки ба он нахустин бомбаи атомӣ партофта шуд. 21. Шабакаи иттилотии байналхалқӣ. 22. Мошинаи ҷангӣ. 23. Муҳандиси рус – ихтироъкори яроқи оташфишон. 24. Лавозимоти дорухонаи сарбоз. 25. Номи фарзанди тоҷик – Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 26. Яроқи киштиҳои зериобӣ. 27. Аввалин лётчикзани тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. 28. Рутбаи ҳарбӣ. 29. Илме, ки сохтани харитаи ҳарбиро дар маҳал меомӯзад. 30. Шабакаи иҷтимоии маълумотгирӣ. 31. Яке аз неругоҳҳои барқии обӣ. 32. Қутби ҷанубии олам. 33. Кишвари бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳад. 34. Антоними калимаи «насия». 35. Яке аз бурҷҳои дуваздаҳгона. 36. Романи Фотеҳ Ниёзӣ. 37. Ходими намоёни ИҶШС. 38. Рутбаи ҳарбӣ. 39. Қисми таркибии артиш. 40. Яроқи оташфишон. 41. Конструктори ҳавопаймоҳои мусофирбар. 42. Сохтори маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 43. Яке аз ҳаракатҳои иртиҷоӣ. 44. Аслиҳаи қатли ом. 45. Яроқи нави ҳарбии Артиши Россия. 46. Тамғаи танки пуриқтидори олмонӣ. 47. Гурӯҳи зудамали ҳарбӣ. 48. Ҳамрадифи калимаи «наган». 49. Ширкати ҳавопаймоии мусофирбар. 50. Ҳаммаънои калимаи «тир». 51. Яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 52. Лавозимоти афсарӣ. 53. Ташкилоти ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ. 54. Ташкилоти зудамали ҳарбӣ. 55. Талаботи асосии хизмати ҳарбӣ. 56. Яроқи ҷангӣ. 57. Ҳамрадифи калимаи «Машқ». 58. Ташкилоти сафарбаркунии ҳарбӣ дар замони Шуравӣ.